ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343+343.98 (575.3)
**ТКБ:** 67.99(2)93+67.99(2)94(2Т)
**З**– 81

**ЗОКИРЗОДА ЗАФАР ХАЙРУЛЛО**

# ҶАЗОҲОИ АСОСИЕ, КИ БО ҶУДО НИГОҲ ДОШТАНИ МАҲКУМШУДА АЗ ҶОМЕА ВОБАСТА НАМЕБОШАНД: МАСЪАЛАҲОИ ДОКТРИНАЛӢ, ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ ВА МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Салаев Нодирбек Сапарбаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «16» майи соли 2026, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Email: qobil9498@mail.ru. Тел: 988949405.

Автореферат «___» _________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи муосири рушди қонунгузории ҷиноятӣ оғоз гардид. Қонунгузории ҶТ дар асоси тағйиру иловаҳои баамаломада бо ворид намудани баъзе аз ҷазоҳо, аз ҷумла корҳои ҳатмӣ, маҳдуд кардан аз хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ инсондӯстона гардонида шуд. Тағйироту иловаҳое, ки дар ин росто ба қонунгузории ҶТ ворид карда шуданд, ба қонунгузории кишвар мутобиқи талаботи даврони рушди муосири ҳуқуқӣ ҷанбаи бештару возеҳи инсондӯстӣ бахшид.

Дар қонунгузории ҶТ ҷазои ҷиноятӣ яке аз воситаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ буда, низоми ҷазо бевосита бо сиёсати ҷиноятии давлат алоқаманд аст. Сиёсати муосири қонунгузории ҷиноятии давлат дар соҳаи ҷазо дар ду самти ба ҳам муқобил: гуманизатсия ва пурзӯргардонӣ амалӣ карда мешавад. Ин аз хусусиятҳои равшану барҷастаи сиёсати муосири ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони кунунии рушду инкишофи сиёсати ҳуқуқиву қонунгузории кишвар ба ҳисоб меравад. Раванди инсондӯстии ҷазоҳои ҷиноятӣ шумораи зиёди давлатҳоро фаро мегирад ва қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бояд ба ин масъала посухгӯ бошад. Ин аст, ки меъёрҳо ва санксияҳои қонунгузории ҷиноятӣ рӯз то рӯз ба талаботи принсипҳои инсондӯстӣ мувофиқ кунонида шуда истодаанд.

Низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ васеъ буда, ҷазоҳоро аз рӯйи он фарқ кардан мумкин аст, ки онҳо бо маҳрум кардан аз озодии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва мутаносибан бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда ӯ ба ҷомеа вобаста аст ё не. Азбаски маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун намуди ҷазо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мебошад, давлат кӯшиш мекунад, ки мувозинати байни манфиатҳои тамоми ҷомеаро нигоҳ дошта, онро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ҳифз намояд ва ҳамзамон роҳи тадбирҳои инсондӯстонаи қонунгузории ҷиноятиро нисбати ҷинояткорон пеш гирад. Чунин кӯшиши давлат мавҷудияти низоми ҷазоро муайян мекунад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд.

Дар айни замон сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ пайваста амалӣ карда мешавад, ки он ба васеъ намудани доираи татбиқи ба истилоҳ намудҳои алтернативии ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нигаронида шудааст. Истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, барои пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ ва тарбия намудани шахсони ҷиноят содиркарда имконоти васеъро фароҳам

меоварад. Илова бар ин, таъин намудани чунин ҷазоҳо имкон медиҳад, ки барои нигоҳдории маҳкумшудагон хароҷоти камтар сарф гардад, ки он метавонад ба қисмати буҷети давлат таъсири мусбӣ расонад.

Ногуфта намонад, ки таҳлили қонунгузории амалкунанда, масъалаҳои таъин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз мавҷуд будани мушкилоти зиёде шаҳодат медиҳад. Дар ҳама намуди ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, судҳо ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, ки ин ҳолат аҳаммияти таҳқиқоти илмиро дар ин самт меафзояд.

Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз таърихи ташаккул ва инкишофи ба худ хос бархӯрдоранд. Зарурати истифодаи онҳо дар таърих бо сабабҳои гуногун вобаста будааст: аз пасандозҳои мурофиавӣ ва молиявӣ то ноил шудан ба чунин ҳадафи аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим ва барои ҷомеа фоиданок, аз ҷумла кам кардани ҷиноятҳои такрорӣ, татбиқи ғояҳо ва консепсияҳои инсондӯстона. Ба масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар замони ҳозира дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст то қонунгузории онҳо инсондӯстона гардад.

Таҷрибаи чандинсолаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кишвар нишон доданд, ки санадҳои ҳуқуқии марбут ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи мазкур камбудиҳои назаррас доранд, ки аз қабули шитобкоронаи онҳо маншаъ мегиранд. Ҳамзамон аз қабули санадҳои мазкур муҳлати зиёд сипарӣ гардида, бо ворид намудани тағйиру иловаҳои барзиёд меъёрҳои онҳо мураккабу душворфаҳм гардида истодаанд. Чунончи, баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ба амалияи имрӯзаи кишвар мувофиқат намекунанд ва баъзе аз намудҳои ҷазоҳо механизми татбиқи худро гум кардаанд. Аз ҷумла дер боз ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалияи судӣ мавриди истифода қарор намегирад ва дар хусуси механизми татбиқи он чораҳои зарурӣ андешида нашудааст.

Чи тавре аз маълумотҳои оморӣ маълум мешавад, корҳои ҳатмӣ дар соли 2019 586 адад, соли 2020 673 адад, соли 2021 585 адад, соли 2022 812 адад, соли 2023 757 адад, соли 2024 573 адад, корҳои ислоҳӣ 2019 588 адад, соли 2020 710 адад, соли 2021 535 адад, соли 2022 575 адад, соли 2023 537 адад, соли 2024 368 адад, маҳдуд кардан

дар хизмати ҳарбӣ 2019 44 адад, соли 2020 52 адад, соли 2021 41 адад, соли 2022 65 адад, соли 2023 63 адад ва соли 2024 84 ададро ташкил медиҳанд [44].

Лозим ба зикр аст, ки ҳукумати кишвар дар самти татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ чораҳои зарурии ҳуқуқӣ андешида истодааст. Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию иҷрои бечунучарои қонунгузории кишвар таъкидҳои судманд намудаанд. Аз ҷумла дар ин замина изҳор доштанд: “Ҳадафи асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба он равона шудааст, ки эътирофу эҳтиром, риоя ва иҷрои қонун ба ҳукми одату анъана табдил ёбад. Зеро тавре равандҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозанд, танҳо ҷомеае ба пешрафту тараққиёт ноил шуда метавонад, ки дар он Конститутсия ва қонунҳо бечунучаро риоя ва иҷро шаванд, волоияти қонун ҳамчун арзиши муҳимми давлати ҳуқуқбунёд таъмин гардад” [43]. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қайд гардидааст, ки “Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд” [2]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои сиёсати давлатии ҷиноятиро инсондӯстона гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ шуморидааст [1]. Умуман, дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла низоми ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардида, қонунгузории ҷиноятӣ низ доираи ҷазоҳои ҷиноятиеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба таври дақиқ муқаррар кардааст.

Дар маҷмуъ, нуқсонҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, амалияи судӣ, мушкилот дар самти иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ва дигар масъалаҳои дар боло зикршуда мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ифода мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳқиқу баррасии масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, саҳми олимону муҳаққиқони ватанӣ ба назар мерасад. Ҳарчанд масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври маҷмуӣ дар доираи як таҳқиқоти мукаммал ва бо низоми

қонунгузории муосир таҳқиқ нашуда бошад ҳам, вале оид ба паҳлуҳои алоҳидаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, донишмандони ватанӣ, аз қабили А.А. Абдурашидзода [24], Ҷ.А. Абдуллозода [23], У.А. Азиззода [25], А.М. Диноршоҳ [14], З.А. Камолов [28], Н.А. Қудратов [6], М.М. Маҳмудов [7], Э.Б. Миралиев [34], С.Т. Мирзоев [35], Н.М. Нодирзода [36], А.И. Сафарзода [39], А.С. Тағозода [40], И.Р. Тулиев [41], Т.Ш. Шарипов [22] ва дигарон масъалагузорӣ намудаанд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавриди баррасии пурра қарор нагирифта, танҳо баъзе аз паҳлуҳои ҷазоҳои мазкур масъалагузорӣ гардидаанд. Ба ҷанбаҳои мазмуну моҳият, таъини ҷазо ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, муҳаққиқон А.А. Абдурашидзода [11] ва И.Р. Тулиев [41] таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Аз чаҳор намуди ҷазои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, танҳо корҳои ислоҳӣ ба таври муфассал мавзуи таҳқиқоти олимони ватанӣ, аз ҷумла, Т.Ш. Шарипов [22], З.А. Камолов [16], А.А. Абдурашидзода [24], Н.М. Нодирзода [36; 17] қарор гирифтаанд. Ҳамзамон якчанд асарҳо оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуданд, ки аз ҷониби олимони ватанӣ таҳия шудаанд ва баъзе аз паҳлуҳои мавзуи таҳқиқотро фаро мегиранд [3]. Умуман, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳанӯз таҳқиқоти комплексии монографию диссертатсионии мукаммал дар самти мавзуи таҳқиқшаванда ба анҷом расонида нашудааст.

Дар тафовут аз ҳуқуқшиносони тоҷик бисёре аз олимони рус ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи таҳқиқот ва намудҳои алоҳидаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, аз қабили В.П. Марков [33], Е.Е. Мелюханова [8], С.А. Рожков [20], В.А. Уткин [10] ва дигарон. Дар таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур паҳлуҳои зиёди ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз ҷумла масъалаҳои низоми чунин ҷазоҳо, мазмуну моҳият, тартиби таъин ва иҷрои онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи мазмуну моҳият, таъин ва иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони зерин: С.Н. Бударов [13], В.А. Дуюнов [27], А.П. Кузнетсов [18], Э.В. Лядов [19] ва Н.Г. Осадчая [38] ба назар мерасад.

Ба масъалаҳои мазмуну моҳият, таъин ва иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ муҳаққиқони зерин таваҷҷуҳ намудаанд: Д.А. Бова [12], Н.С.

Ирина [15], А.В. Корнеева [31], П.Н. Красоткин [32], В.Н. Орлов [37], О.П. Шибанкова [42] ва дигарон.

Масъалаҳои мафҳуму моҳият, тартиби таъин ва иҷрои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони зерин мушоҳида мегардад: Я.Н. Ермолович [4], А.Л. Карабанов [29], Т.В. Уткина [21] ва дигарон.

Масъалаи маҳдуд кардани озодӣ яке аз баҳсноктарин ҷазоҳоест, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад ва он аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аз ҷумла С.Б. Бойко [26], Е.В. Колбасова [30], Р.В. Комбаров [5], И.В. Соколов [9] ва дигарон.

Ҳамин тавр, олимони ватанию хориҷӣ дар таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз ҷумла корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ саҳми худро гузоштаанд. Вале чи тавре ишора шуд, аксари таҳқиқоти зикршуда ҷудогона ва номукаммал буда, бештар ба илми ҳуқуқи ҷиноятии хориҷӣ дахл дошта, қонунгузории муосири Тоҷикистонро фаро намегиранд. Ҳамзамон паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқшаванда дар асоси қонунгузорӣ ва амалияи судии кишвар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор нагирифтааст. Бо ин назардошт, таҳқиқоти мазкур яке аз таҳқиқоти нахустини диссертатсионӣ дар мавзуи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, тибқи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи ҶТ ба ҳисоб меравад ва барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозии кишвар аҳаммияти назаррас хоҳад дошт.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2025)» бахшида шудааст, таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳқиқоти доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ, таъин ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон муайян кардани мафҳуму моҳият, тартиби таъини ҷазо ва

иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, ошкор сохтани нуқсонҳо ва мукаммалгардонии қонунгузории кишвар дар самти ҷазоҳои мазкур мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳои мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд;

– омӯзиши проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқи проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ;

– муайян кардани моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ;

– муайян кардани мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– муайян кардани мафҳум ва аломатҳои маҳдуд кардани озодӣ;

– таҳқиқ намудани таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ;

– баррасӣ намудани таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;

– омӯзиши таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– омӯзиши таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ;

– баррасии танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ;

– баррасии иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;

– баррасии иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– баррасии ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, баромад менамоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Таҳқиқу омӯзиши мафҳуму моҳият, тартиби таъини ҷазо ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба сифати мавзуи таҳқиқот баромад менамояд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқот нақшавӣ буда, аз ду марҳилаи муайян иборат мебошад.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2022-2023) захираҳои илмию иттилоотӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба низом дароварда шуда, аз ҷониби Шурои олимон тасдиқ гардид.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2023-2025) ҳадафу вазифаҳои гузошташуда иҷро гардиданд. Доир ба мавзуи таҳқиқотӣ мақолаҳои илмӣ ба табъ расида, диссертатсия омода карда шуд.

Таҳқиқот масъалагузории баъзе низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла давраи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравиро фаро мегирад. Ба таври васеъ таҳқиқот фарогири қонунгузорию асосҳои назариявии солҳои 1994-2025 мебошад.

Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2022-2025-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ дар самти проблемаҳои асосии доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, А.А. Абдурашидзода, Ҷ.А. Абдуллозода, У.А. Азиззода, С.Б. Бойко, Д.А. Бова, С.Н. Бударов, А.М. Диноршоҳ, В.А. Дуюнов, Я.Н. Ермолович, Н.С. Ирина, З.А. Камолов, А.Л. Карабанов, А.В. Корнеева, Е.В. Колбасова, Р.В. Комбаров, П.Н. Красоткин, А.П. Кузнетсов, Н.А. Қудратов, Э.В. Лядов, М.М. Маҳмудов, В.П. Марков, Е.Е. Мелюханова, Э.Б. Миралиев, С.Т. Мирзоев, Н.М. Нодирзода, В.Н. Орлов, Н.Г. Осадчая, С.А. Рожков, А.И. Сафарзода, И.В. Соколов, А.С. Тағозода, И.Р. Тулиев, Т.В. Уткина, В.А. Уткин, Т.Ш. Шарипов, О.П. Шибанкова ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси усулҳои таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки аз ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷида шудаанд, истифода шудааст. Тавассути усули расмӣ-ҳуқуқӣ мафҳуму моҳияти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мафҳуму моҳияти корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ ва дигар мафҳуму истилоҳоти ҳуқуқии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта

аз нигоҳи расмӣ таҳлилу таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд. Бо истифода аз усули расмӣ-мантиқӣ тартиби таъин, иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва ҳукмҳои судӣ оид ба ҷиноятҳои мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, нуқсонҳои ҷойдошта ошкор гардидаанд. Бо ёрии усули муқоисаи давлативу ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ бо дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот усули оморӣ ба кор бурда шуда, дар асоси сарчашмаҳои боэътимоди расмӣ омори таъини ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар амалия таҳлил ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар таҳқиқот усули расмӣ-забонӣ истифода гардидааст, ки бо ёрии он тарзи дурусти истилоҳот, мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ аз ҷиҳати забонӣ дар қонунгузории амалкунанда баррасӣ гардидааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз ҷумла Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати ҶТ, зиёда аз 635 парванда аз бойгонии Суди Олии ҶТ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, зиёда аз 250 варақаи иҷро оид ба ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳқиқоти комплексию доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунию мукаммалгардонии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ифода меёбад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур яке аз нахустин таҳқиқотҳои мукаммали илмӣ мебошад, ки тамоми паҳлуҳои ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ, ба монанди мафҳуму моҳият, тартиби таъин ва иҷрои онҳоро дар доираи як таҳқиқот фаро мегирад.

Мазмуни намудҳои ҷазои баррасишаванда дар сатҳи ҳамаҷониба аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳлил карда шудааст, ки имкон медиҳад на танҳо хусусиятҳои моддии ин намуди ҷазо баҳогузорӣ, балки хусусиятҳои он ва вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон низ муайян карда шавад.

Ҳангоми таҳияи рисола ва асоснок кардани нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф ба таҷрибаи хориҷии дар ин самт

мавҷудбуда такя намуда, имконоти дарки онро дар робита ба рушди қонунгузории ҷиноятии ҶТ муайян кардааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Муаллиф дар консепсияи илмии худ мафҳуми низоми ҷазоро асоснок ва пешниҳод намудааст, мувофиқи он, низоми ҷазо номгӯйи пурра ва барои судҳо ҳатмии ҷазо фаҳмида мешавад, ки аз тарафи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда муқаррар карда шуда, вобаста ба дараҷаи вазниниашон бо як тартиби муайян ҷойгир карда шудаанд. Дар низом намудҳои ҷазо вобаста ба дараҷаи вазниниашон: аз ҷазоҳои сабук ба ҷазоҳои вазнин суратгиранда ҷойгир шудаанд. Аҳаммияти низоми ҷазо тавассути се омил муайян мешавад:

– мувофиқи қонуни ҷиноятӣ, ҳангоми таъини ҷазо муқаррар гардидани намудҳои ҷазо бо нишон додани андоза ва тартиби татбиқи онҳо имконияти худсариро аз тарафи суд истисно менамояд;

– низоми ҷазои ҷиноятӣ чорчӯби ҳуқуқиро ба вуҷуд меоварад ва ин ба суд имкон медиҳад, то аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ адолати судиро амалӣ намояд;

– низоми ҷазои ҷиноятӣ ба суд имкон медиҳад, ки ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфноки ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои кор баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда, принсипи фардикунондани ҷазо амалӣ гардад.

2. Исбот карда шудааст, ки корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятии кишвар муқаррар гардида, дорои мазмуну моҳияти худ мебошад. Мазмуну моҳияти корҳои ҳатмӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки зимни он маҳкумшуда ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ ба таври бемузд машғул гардида, ба ин восита гуноҳи худро дар назди ҷомеа ҷуброн менамояд. Ҷазои мазкур дорои оқибатҳои сазоӣ буда, ҳамчун чораи ислоҳи маҳкумшуда баромад мекунад. Мазмуну моҳияти корҳои ҳатмиро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ хусусият ва аломатҳои он ифода мекунанд.

3. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар самти иҷрои корҳои ислоҳӣ чунин мушкилоти асосӣ ҷой дорад:

– норасоии ҷойи корӣ дар маҳалле, ки маҳкумшуда бояд корҳои ислоҳиро адо намояд;

– норасоии кадрӣ ҷиҳати назорати маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд;

– номукаммалии механизми татбиқи ҷазои интизомӣ ҳангоми вайрон шудани тартиботи меҳнатӣ аз ҷониби маҳкумшуда;

– номукаммалии механизми баҳисобгирии вақти адои корҳои ислоҳии маҳкумшудагон;

– ба кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои беасос фиристодани мавод барои оғоз намудани парвандаҳои ҷустуҷӯйӣ нисбати маҳкумшудагон роҳ надиҳад.

4. Бояд иброз дошт, ки андешаҳо оид ба нолозим эътироф намудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ моро қонеъ накарда, устувории мавқеи моро оид ба нигоҳ доштан ва мукаммал намудани механизми татбиқи ҷазои мазкур халалдор сохта наметавонад. Ба ақидаи мо, дар ин хусус ба шитобкорӣ набояд роҳ дод, зеро ҷазои мазкур ҳануз аҳаммияти худро гум накарда, дорои оқибатҳои сазоӣ ва ислоҳӣ мебошад. Мавҷудияти ин ҷазо аз инсондӯстона будани қонунгузории ҷиноятии кишвар дарак медиҳад.

5. Мушкилоти таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ метавонад ба сабабҳои гуногун вобаста бошад, аз ҷумла норасоии қонунгузорӣ, мушкилоти иқтисодӣ, шубҳаҳо дар бораи самаранокии онҳо ва таҳдидҳо дар бораи такрори содири ҷиноятҳо. Барои беҳтар кардани низом ва таҳкими таъини дурусти ҷазои мавриди назар зарур аст, ки қонунгузорӣ такмил дода шавад, механизмҳои мониторингӣ ва дастмонаҳои назоратӣ истифода бурда шаванд. Камбудиҳои амалияи судӣ дар таъин ва иҷрои ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ, аз норасоии қонунгузорӣ ва техникӣ то мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва кадрӣ метавонанд боиси номукаммалӣ дар истифодаи ин намуди ҷазо ва боиси фаромӯш шудани ҳадафи аслӣ, яъне реинтегратсияи маҳкумшудагон ба ҷомеа шаванд. Барои бартараф намудани ин камбудиҳо зарур аст, ки таҷрибаи судӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҷазоҳои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани озодӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, механизмҳои назоратӣ, ба монанди мониторинг ва дастмонаҳои электронӣ ҳамчун пробатсия дар як қисми муассисаҳои ислоҳӣ роҳандозӣ карда шавад.

6. Асоснок карда шудааст, ки айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми ҷазо ҷараён дорад, ки самтҳои афзалиятноки он пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ҳангоми сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна мебошад. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо,

пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазое, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо зоҳир мегардад.

7. Қонунгузории амалкунанда иҷрои корҳои ҳатмиро, асосан, аз лиҳози миқдорӣ яъне шумораи соатҳои адошуда арзёбӣ менамояд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки чунин усули баҳогузорӣ наметавонад пурра ифодакунандаи сатҳи воқеии ислоҳи шахсони маҳкумшуда бошад. Зеро ду нафари маҳкумшуда бо шумораи баробари кор метавонанд рафтору муносибати гуногун дошта бошанд. Аз ин рӯ, зарурати ворид кардани унсури сифативу рафторӣ ба низоми баҳогузории иҷрои корҳои ҳатмӣ пеш меояд. Ин унсур бояд на танҳо рафтор, балки омодагии маънавию иҷтимоии шахсро низ инъикос намояд. Чунин унсурро «низоми табдил ё конвертатсияи соатҳо» шуморидан мумкин аст. Тибқи ин низом ҳар як соати иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ аз рӯйи меъёрҳои махсуси ахлоқӣ, интизомӣ ва иҷтимоӣ баҳогузорӣ мешавад. Яъне бар асоси муҳосибаи баробар (1 соат = 1 соат) механизме пешниҳод мегардад, ки ҳар як соат бо назардошти сифати иҷрои ҷазо "вазн" ва "арзиш"-и инфиродӣ ба худ касб намуда, бо коэффитсентҳои махсус ҳисоб карда мешавад.

8. Таҳқиқот муайян намуд, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар ба такмил ниёз дошта, баъзе масъалаҳои муҳим дар онҳо аз танзими ҳуқуқӣ дур мондаанд. Аз ҷумла:

– Муҳлати корҳои ҳатмӣ м. 48 (1) КҶ ҶТ барои шахсони бекор то 8 соат дар як рӯз муқаррар карда шавад. Ин ба маҳкумшуда имкон медиҳад, ки муҳлати ҷазоро ҳар чӣ зудтар адо намояд ва ҳам бо кор таъмин намудани маҳкумшударо осонтар менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки ҳаҷми соат ба 480 соат расонида шавад.

– Дар қ. 3 м. 54 КҶ ҶТ чунин муқаррарот ҳамроҳ карда шавад: «Шахсоне, ки дар ҳудуди қаламрави ҶТ ҷойи зисти доимӣ надоранд, ба кор ҷалб карда нашаванд».

– Дар қонунгузории ҷиноятӣ (м. 48(1) КҶ ҶТ) бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад.

– Пешниҳод менамоем, ки дар м. 14 КИҶҶ ҶТ таълими ҳарбӣ ҳамчун воситаи ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар карда шавад.

Инчунин, дар боби 16 КИҶҶ ҶТ як моддаи дигар ба масъалаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагони ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ пешбинӣ карда шавад.

– Қисми 10 м. 52 КИҶҶ ҶТ ба ҳолатҳое, ки ба маҳкумшуда ҷиҳати баромадан аз ҳудуди адои ҷазо иҷозат дода мешавад, бахшида шавад.

– Пешниҳод мегардад, ки дар номи м.м. 48, 49 ва дигар меъёрҳои КИҶҶ ҶТ истилоҳи “маҳалли адои ҷазо” ба истилоҳи “муассисаи адои ҷазо” иваз карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки муқаррароти назариявӣ ба такмили фаъолияти судҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ равона карда шаванд. Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд барои ба низом даровардан ва таҳияи ақидаҳои илмӣ оид ба мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, механизми таъин ва иҷрои ин намуди ҷазо, инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҷазоҳои дар асоси қонунгузории ҶТ татбиқшаванда мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳоду тавсияҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар таҷрибаи судӣ ва ислоҳнамоӣ татбиқ карда шаванд, инчунин аз ҷониби прокурорҳое, ки риояи қонунро назорат мекунанд, ҳангоми иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, истифода баранд. Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дорои ихтисосу факултетҳои ҳуқуқшиносӣ дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, истифода гарданд. Яъне ба баёни дигар, натиҷаҳои илмии дар натиҷаи анҷоми таҳқиқот анҷомёфта аз нигоҳи коршиносӣ дорои арзишу аҳаммияти омӯзишӣ ва таълимианд ва аз онҳо метавон дар раванди тадрис дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқӣ истифода намуд. Пешниҳоду хулосаҳои таҳқиқотро дар таҳияи асарҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла таҳияи воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба таври васеъ истифода кардан мумкин аст. Ҳамзамон зимни такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳангоми таҳияи тафсирҳои илмию расмӣ пешниҳоду хулосаҳои таҳқиқот метавонанд истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва

ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисаи давлативу ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ дар самти тартиби таъин ва иҷрои ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, асоснок карда мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро гашта, дар доираи пажуҳиш мафҳумҳои асосӣ шарҳ ва тамоюлҳои нав ошкор карда шудаанд, нуқсонҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳангоми таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ аз ҷониби судҳо муайян гардида, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами дар ин самт ҷойдошта дар доираи муқаррароти илмӣ нишон дода шудаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар интишороти илмии муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (амалӣ)-и устодон (ҳайати профессорону устодон) ва кормандони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

(солҳои 2022-2025), инчунин хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Маҳакҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ» (Душанбе, 2022);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Основные подходы к управлению знаниями в науке и образовании» – маъруза дар мавзуи «Наказания, не связанные с изоляцией осужденного от общества: понятие и сущность» (Казань, 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Научно-просветительская деятельность в условиях глобализации» – маъруза дар мавзуи «Проблемаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ» (Казань, 2024);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Научно-просветительская деятельность в условиях глобализации» – маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва хусусиятҳои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ» (Казань, 2024);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Мушкилоти мубориза бо ҷинояткорӣ дар фазои Авруосиё» – маъруза дар мавзуи «Иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ» (Душанбе, 2024);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Проблемаҳои ташкилии ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ» (Душанбе, 2024);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ»» – маъруза дар мавзуи «Масоили танзими ҳуқуқии таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ» (Душанбе, 2024).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Критерияи ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ» (Рашт, 18-23 апрели соли 2022 – ҳафтаи илм);

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 26-солагии Ваҳдати миллӣ ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Мафҳуми ҷазоҳое, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» (Рашт, 14-20 апрели соли 2023 – ҳафтаи илм);

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 27-солагии Ваҳдати миллӣ ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Проблемаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ» (Рашт, 15-20 апрели соли 2024 – ҳафтаи илм).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 6 монография, 52 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 27-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 25 мақола дар нашрияҳои дигар ба чоп расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима мубрамӣ ва сатҳи омӯзиши мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаи **«Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи низоми ҷазо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якум масъалаҳои марбут ба **«Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста**

**намебошанд»,** фаро гирифта, муҳаққиқ дар он қайд намудааст, ки баъд аз шуруъи давраи сифатан нави рушди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне замони ба истиқлол даст ёфтани кишвар ва ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба ислоҳоти ҳуқуқии анҷомшуда, мизони муҳим будани ҷазоҳои мазкур ба маротиб афзоиш ёфтааст.

Ҷазо дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии ҳар як давлат на танҳо воситаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, балки омили муҳимми тарбияи ҳуқуқии шахс ва барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷазо ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ ҷиҳати барқарор кардани ҳуқуқ ва пешгирии ҷиноятҳои нав истифода мешавад. Дар марҳалаи рушд ва ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ, ки дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷараён дорад, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавқеи махсус касб мекунанд, зеро онҳо ҳамзамон хусусияти тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд.

Мафҳуми ин ҷазоҳо, асосан, дар он ифода меёбад, ки шахс аз муҳити иҷтимоии худ ҷудо намешавад, балки дар оила, маҳалли зист ва ҷойи кори худ боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, маҳкумшуда ҳамзамон бо гирифтани ҷазои қонунӣ, имкони нигоҳ доштани робитаҳои иҷтимоии худро пайдо намуда, минбаъд аз такроран содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ даст мекашад. Ин намуди ҷазо вазифаи дуҷонибаро иҷро мекунад: аз як тараф, шахс ба қонунгузорӣ эҳтиром мегузорад ва гуноҳи содиркардаро ҷуброн менамояд ва аз тарафи дигар ҷомеа имкони барқарорсозии муносибатҳои солими иҷтимоиро бо шахс нигоҳ медорад.

Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ҷазоҳои бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеаро ҳамчун унсури муҳимми сиёсати ҷиноятӣ муайян кардааст. Аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ, ҷазо ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ таъриф мешавад, ки бо ҳукми суд барои шахсе, ки гунаҳгор дониста шудааст, таъин мегардад ва ҳамзамон мақсадҳои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирӣ аз содиршавии ҷиноятҳои навро дар бар мегирад.

Моҳияти ин намудҳои ҷазо на танҳо ба ҷазодиҳӣ маҳдуд мешавад, балки он таъсири тарбиявӣ ва иҷтимоиро низ фаро мегирад. Шахси маҳкумшуда боқӣ мондан дар муҳити табиӣ ва ҷомеа, нигоҳ доштани робитаҳои оилавӣ ва меҳнатии худ ва ҳамчунин имкони ислоҳ ва такмили шахсиятро фароҳам меорад. Ин равиш барои барқарорсозии тарзи муносибати инсондӯстона ва

ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аҳаммияти калон дорад, зеро шахс аз назорати қонун огоҳ мешавад, дар ҳоле, ки ҳанӯз имкони идома додани ҳаёти муқаррариро дорад.

Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҷассуми принсипи инсонгарой дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Ин гуна ҷазоҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки гуноҳи содиркардаро бо ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҷуброн намояд. Ин намудҳои ҷазо на танҳо шахсро ислоҳ мекунанд, балки дар зеҳни ҷомеа тасаввури навро аз муносибати одилона ва башардӯстона дар баробари ҳуқуқвайронкунандагон ташаккул медиҳанд. Дар амал судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо кӯшиш мекунанд, ки ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бештар татбиқ намоянд то шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ кам гашта, таъсири иҷтимоии манфӣ коҳиш ёбад.

Аҳаммияти иҷтимоии ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар он ифода меёбад, ки шахс аз лиҳози моддӣ ва ахлоқӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад бе он ки муҳити иҷтимоии ӯ дар зимн халал ёбад. Барои мисол, ҷарима ё корҳои ҳатмӣ шахсро водор мекунанд, ки рафтори ғайриқонуниашро баррасӣ кунад ва масъулияти шахсӣ ва иҷтимоиро эҳсос намояд. Ҳамин тариқ, давлат шахсро на ҳамчун ҷинояткор, балки ҳамчун узви ҷомеа ба ҳисоб мегирад, ки худ як омил барои пешгирии ҷиноятҳои нав ва афзоиши масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин аз ҷиҳати иқтисодӣ барои давлат манфиатноканд. Иҷрои ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ ё меҳнатӣ нисбат ба нигоҳдорӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ хароҷоти камтар дорад. Ғайр аз ин, маҳкумшуда имкони идомаи фаъолияти меҳнатӣ ва нигоҳ доштани ҷойи кори худро дорад, ки барои худи шахс ва оилааш манфиатнок мебошад. Ҳамин ҳолат ба паст кардани фишори адлиявӣ ба муассисаҳои ислоҳӣ ва самаранокии низоми ҷазо мусоидат мекунад.

Муаллифи рисола асосан таҳқиқоти худро ба ҷазоҳои ҷиноятии бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобастанабуда бахшида, моҳияти чунин ҷазоҳоро дар афзалияти механизми ислоҳнамоии онҳо маънидод намудааст. Мутобиқи назари муҳаққиқ, ҷомеа аз қадим ҳамчун маҳаки таъсиррасонӣ ва тарбиявӣ эътироф карда мешуд. Нигоҳ доштани маҳкумшуда дар миёни оммаи мардум метавонад раванди ислоҳнамоиро дучанд пуртаъсир

гардонида, хароҷоти иловагиро пешгирӣ намояд. Масалан, ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда ба кори музднок машғул шуда, аз як тараф ба оилаи худ фоида бахшида, аз тарафи дигар уҳдадории худро назди ҷомеа ва давлат иҷро карда, ба давлат низ фоида меоварад. Бинобар ин, оқибатҳои сазоӣ ва тарбиявии ҷазоҳои ҷиноятии ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобастанабуда дар як маврид моҳият ва аҳаммиятнокии чунин ҷазоҳоро ифода мекунанд.

Аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар мақоми байни озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд. Татбиқи ин гуна ҷазоҳо шахсро маҷбур месозанд, ки ба қонун эҳтиром гузорад, вале ҳамзамон маҳкумшуда аз муҳити табиӣ ҷудо намешавад.

Татбиқи босамари ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, талаботи муайяни иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад. Аввалан, механизми назорат ва мониторинг бояд пурра ва муассир бошад то шахс ҷазои худро ҷиддӣ қабул намояд. Дуввум, бояд фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ дар ҷомеа баланд бошад то шахси маҳкумшуда тавонад боирода ва виҷдони пок ба самти ислоҳи худ майл намояд. Сеюм, мақомоти дахлдор бояд шароити мусоид барои иҷрои ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ фароҳам биоваранд.

Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дорои аҳаммияти ахлоқиву фарҳангӣ низ мебошанд. Татбиқи ин гуна ҷазоҳо ҳисси масъулиятро бедор мекунанд ва шахсро водор месозанд, ки аз рӯйи виҷдон амал намояд. Ин намудҳои ҷазо мувофиқи принсипи “ҷазо барои ислоҳсозӣ”, на "ҷазо барои азоб", татбиқ мешаванд. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ низ нишон медиҳад, ки истифодаи васеи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба таҳкими робитаи байни давлат ва шаҳрванд мусоидат мекунад, зеро шахс дар муҳити иҷтимоии худ ислоҳ меёбад ва ҷомеа низ ӯро қабул мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ин таъсири онҳо ба муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Маҳкумшуда метавонад дар муҳити оила боқӣ монад, фарзандон ва ҳамсарро парасторӣ кунад, ба вазифаҳои иҷтимоӣ ва касбӣ идома диҳад, ки ин равиш ба барқарорсозии робитаҳои оилавӣ ва ҳифзи суботи иҷтимоӣ ёрӣ мерасонад. Омӯзиши амалии низоми ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нишон медиҳад,

ки шахсони маҳкумшуда, ки имкони нигоҳ доштани муҳити табииро доранд, бештар ба ислоҳ ва қабули қонунмеҳварӣ тамоюл пайдо мекунанд. Шахсони маҳкумшуда ба ин намуди ҷазоҳо таассуроти манфӣ ва изтиробҳои иҷтимоии маҳрумиятро эҳсос намекунанд ва ин дар навбати худ ба солимии равонии онҳо мусоидат менамояд.

Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин таъсири иқтисодӣ ва моддии муайян доранд. Барои мисол, шахс метавонад ҷарима пардохт кунад, ки ин ҳам нафъи давлат ва ҳам эҳсоси шахсии масъулиятро таъмин мекунад. Маблағи иҷрои корҳои ислоҳӣ метавонад аз 10 то 30 фисади маоши шахсро ташкил диҳад, ки ҳамзамон бо фаъолияти меҳнатӣ ва нигоҳ доштани ҷойи кор анҷом дода мешавад. Ин равиш на танҳо хароҷоти иловагии давлатро кам мекунад, балки имкони идомаи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои оилавиро низ фароҳам меорад.

Татбиқи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, талаб мекунад, ки назорати иҷро ва механизмҳои мониторинг самаранок ва фарогир бошанд. Набудани назорати муассир метавонад боиси беэътиноӣ ба ҷазо ва иҷро нашудани он гардад. Дар ҳамин замина муҳим аст, ки мақомоти дахлдор қоидаҳо ва талаботи иҷрои ҷазоро риоя кунанд ва барои корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ шароити муносиб фароҳам биоваранд. Илова бар ин, рушди маърифати ҳуқуқӣ ва баланд будани ҳисси масъулият дар ҷомеа шахсони маҳкумшударо водор мекунад, ки бо виҷдони пок ва иродаи устувор ба ислоҳ майл кунанд.

Зербоби дуюм ба масъалаи **«Проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқи ин масъала муаллифи таҳқиқот қайд мекунад, ки мақсадҳои ҷазо самти фаъолияти судеро, ки ҷазои муайянро таъин менамояд, ҳамчунин мақомоти марбутаеро, ки масъули иҷрои ҷазо аст, мушаххас менамояд. Дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсадҳои ҷазо ҳамчун унсури асосии ҷазо муайян шудаанд. Ҷазоҳо барои таъмини адолат, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ислоҳи шахсони маҳкумшуда пешбинӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин дар амал татбиқи мақсадҳои ҷазо бо мушкилоти муайяне рӯ ба рӯст, ки самаранокии низоми ҷазоро коҳиш медиҳад ва ба ҳуқуқи инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки мақсадҳои ҷазо яке аз категорияҳои илмии асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб шуда, моҳияти иҷтимоию

ҳуқуқии таъини ҷазоро муайян месозад, зеро мақсади ҷазо аз ҷазо додан иборат намебошад, балки барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятро дунбол мекунад. Дар натиҷаи ноил шудан ба мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ ҳам шахси гунаҳгор ва ҳам давлат арзиши адолат ва қонунро эҳсос менамояд. Барои ҳамин баъзе аз намудҳои ҷазо (корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ) хусусияти тарбиявӣ доранд.

Ба ақидаи рисоланавис, мақсади ҷазо дар намуди барқарор намудани адолати иҷтимоӣ инҳоро ифода мекунад:

1) он ҷазое, ки нисбати ба шахси гунаҳгор таъин мегардад, бояд ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, ҳолатҳои содиршавии он ва шахсияти гунаҳкор мувофиқ бошад;

2) бо роҳи ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафи ҷабрдида, ки одилона ва ногузир будани ҷазоро муайян мекунад;

3) барқарор намудани зарари аз ҷиноят ба шахсият, ҷамъият ва давлат расонидашуда тавассути ҷазо имконпазир мегардад;

4) таъин ва татбиқи ҷазои сазовор вобаста ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Муаллиф изҳор доштааст, ки воситаи таъминкунандаи татбиқи мақсади ислоҳнамоӣ ба ҳайси маҳдуд намудани фазои татбиқи ҳуқуқ ва озодӣ баромад менамояд, ки ҳаҷми он вобаста ба намуд ва андозаи ҷазои таъиннамудаи суд муайян мегардад. Шахси ҷиноятсодирнамуда ба ислоҳи ҷаҳонбинӣ, эътиқод ниёз дорад, ки мазмуни онҳо яке аз шартҳое мебошанд, ки шахсро ба содир намудани ҷиноят меорад. Нисбат ба шахс бояд воситаҳое татбиқ шаванд, ки рафтори ӯро ба самти муайяни мусбат равона созад.

Мутобиқи андешаи диссертант, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мисли соҳаи дилхоҳи дигари ҳуқуқ воситаҳои муайяне ҷой доранд, ки ба рафтори фарди муайян таъсир мерасонанд. Аз ҷумлаи чунин воситаҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳдуднамоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқмаҳдудкунӣ мазмуни ҷазои ҷиноятӣ ҳисоб мешавад, ки ба воситаи он давлат ба рафтори шахс таъсир мерасонад. Давлат ҷазоро татбиқ намуда, методи ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқиро бо роҳи гузоштани ҳуқуқмаҳдудкунӣ истифода мебарад. Дар асоси ин тасдиқ намудан мумкин аст, ки ба ҳайси воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии таъмин намудани татбиқи мақсади ислоҳнамоӣ ҳуқуқмаҳдудкуниҳо баромад мекунанд. Аз сабабе, ки ҳуқуқмаҳдудкунӣ моҳияти

маҷбурнамоӣ дорад, мазмуни ислоҳнамоӣ низ маҷбур намудани шахс ба пешбурди тарзи ҳаёт риояи қонун ҳисоб мегардад.

Раванди иҷрои ҷазо боиси ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба инсон, ҷомеа, меҳнат, меъёрҳо, муқаррарот ва анъанаҳои иҷтимоӣ ва рафторҳои мусбат мегардад. Ин ҳолат дар м. 14 КИҶҶ ҶТ инъикос ёфтааст. Қонуни ҷиноятӣ меъёрҳои объективии мушаххасеро пешбинӣ менамояд, ки дар сурати вуҷуди онҳо метавон ба самаранок будани чораи интихобгардидаи ҷазоӣ нисбат ба шахси маҳкумшуда ва дар натиҷа, иҷрои мақсади ҷазо нисбат ба вай таъкид намуд.

Тавре муаллиф иброз доштааст, раванди ислоҳнамоӣ ба роҳ мондани маҳдудиятҳои мушаххасеро пешбинӣ менамояд, ки шахсони дахлдор вазифадоранд то онҳоро риоя намоянд. Нишондиҳандаи ниҳоии ислоҳ шудани шахси гунаҳкор аз иҷро гардидани вазифаҳое, ки ҳукми судӣ ба зиммааш мегузорад, иборат мебошад.

Ба гуфтаи муҳаққиқ, мафҳуми ислоҳи маҳкумшуда ба ин маъност, ки вай чи дар давраи иҷрои ҷазо ва чи дар давраи пас аз гузашти давраи маҳкумият, ба шахси барои ҷамъият бехавф табдил мешавад. Ба ин натиҷа метавон тавассути маҳкумияти умумии ҷиноят ва омили он, яъне шахси онро содирнамуда аз номи давлат даст ёфт. Табиист, ки чунин маҳкумият дорои аҳаммияти бузурги тарбиявӣ буда, заминаи сурат гирифтани тағйиру таҳаввул дар мафкура ва ҷаҳонбинии маҳкумшударо фароҳам меоварад. Зимни иҷрои ҷазо ислоҳи маҳкумшуда тавассути бакоргирии механизмҳои ислоҳи маҳкумшуда ва маҷмуи маҳдудиятҳои таъиншудаи дорои ангезаи масъулиятпазирӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки дар навбати худ боиси бознигарии арзишҳои маънавии шахси маҳкумшуда мегарданд, сурат мегирад. Ноилшавии ислоҳи маҳкумшуда аз бисёр ҷиҳат ба чӣ андоза оптималӣ будани маҷмуи ин воситаҳо бастагӣ дорад. Ҳамчун мақсади асосии ҷазо, ислоҳи маҳкумшуда дорои мафҳуму маънии ислоҳи маънавии шахс ва тафаккуру ҷаҳонбинии вай мебошад. Фақат бо чунин бархӯрд нисбат ба мақсади ислоҳи маҳкумшуда метавон матраҳсозии мақсади пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ва пешгӯии дараҷаи иҷро шудани мақсадро асоснок шуморид.

Муҳаққиқ изҳор доштааст, ки мафҳуми ислоҳи маҳкумшуда дар КҶ ҶТ дода нашудааст. Яъне он ба таври равшану возеҳ дар КҶ ҶТ инъикоси худро наёфтааст ва ба ин далел ҳам чунин номуайянӣ дар робита ба мафҳуми ислоҳи шахси маҳкумшуда дар КҶ ҶТ боқӣ мемонад.

Мақсадҳои ҷазо дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ иборатанд аз: бартараф кардани ҷиноят, ислоҳи маҳкумшуда, пешгирии ҷиноят, таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон. Аммо ҷазо набояд ҳамчун шакли интиқом ва маҳрум сохтан аз озодӣ қабул шавад, ки ин бо арзишҳои муосири ҳуқуқи инсон мутобиқат ва ҳамхонӣ надорад. Татбиқи ҷазо дар Тоҷикистон бештар ба ҷазоҳои сахт ва бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд мебошад, ки ин ҳолат боиси зиёд шудани шумораи маҳкумшудагон ва фишори иқтисодӣ ба давлат, аз ҷумла фишори адлиявии муассисаҳои ислоҳӣ мегардад. Муассисаҳои ислоҳӣ дар бисёр ҳолатҳо имкони кофӣ барои ислоҳи шахс, пешниҳоди барномаҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ надоранд, ки ин ба зиёд шудани хавфи такроран содиршавии ҷиноят мусоидат мекунад.

Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, метавонанд бо хароҷоти камтар таъсири бештар гузоранд. Ин аз набудани тахассус ва пойгоҳҳои ҳуқуқӣ ва ба таври лозим ҷалб нагардидани ҷомеа ба равандҳои ислоҳсозӣ ва барқарорсозӣ маншаъ мегирад. Ҷомеа низ ба шахсони адои ҷазо кардашуда бо эҳтиёт менигарад ва аксар вақт онҳоро қабул намекунад, ки ин боиси бад шудани вазъи иҷтимоии онҳо ва такрори содиршавии ҷиноят мешавад. Ҳамчунин мақомоти иҷрои ҷазо ба масъалаи дастгирии шахсони озодшуда пас аз адои ҷазо кам таваҷҷуҳ менамояд. Набудани барномаҳои иҷтимоӣ, касбомӯзӣ ва дастрасии онҳо ба шуғл ба он оварда мерасонад, ки шахсони маҳкумшуда ба зиндагии муқаррарӣ барнагарданд ва имкони бозгашт ба роҳи ҷиноят зиёд мешавад.

Барои беҳтар намудани самаранокии мақсадҳои ҷазо дар Тоҷикистон зарур аст, ки низоми ҷазо бештар ба самти руҳияи ислоҳсозӣ ва инсонгароёна тамаркуз пайдо намояд. Ин ба он маъност, ки ҷазо на танҳо барои сазо додан, балки барои бозпарварӣ ва такмили шахс истифода шавад. Илова бар ин, зарур аст, ки ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бештар татбиқ шаванд ва барномаҳои иҷтимоӣ барои дастгирии маҳкумшудагон ва шахсони озодшуда таҳия шаванд. Аз ин нуқтаи назар, тағйирот дар низоми қонунгузорӣ ва амалишавии мақсадҳои ҷазо бо роҳи ҷорӣ намудани барномаҳои омӯзишӣ, тарбияи шахсони маҳкумшуда ва ҷалби ҷомеа ба раванди ислоҳсозӣ зарур аст. Танҳо тавассути чунин равишҳо метавон сатҳи

ҷинояткориро коҳиш дода, ба беҳтарсозии амнияти ҷамъиятӣ ноил шуд.

Ҳамин тавр, ҷазо бояд ҳамчун воситаи таъмини адолат, ҳифзи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқӣ барои шахс ва ҷомеа хизмат кунад. Агар мо ба ин мақсадҳо нарасем, низоми ҷазо танҳо ба як воситаи маҳрумият ва танбеҳ табдил меёбад, ки он ба рушди устувори ҷомеа халал мерасонад ва адолати воқеиро таъмин намекунад.

Зербоби сеюми боби якум – **«Низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, муаллиф дар он масъалаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он; асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қисми якуми зербоби сеюми таҳқиқот – **«Низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки низоми ҷазо, ба эътиқоди мо, низоми аз лиҳози иҷтимоӣ машрутест, ки он дар қонун муайян шуда, дар фаъолияти судӣ бо дар назар гирифта шудани тақозои фардикунонии ҷазо ва маҷмуи бо ҳам дар алоқамандӣ қарордоштаи намуд ва гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷазо аз рӯйи принсипи болоравии мизони вазнини ҷазо ба кор бурда мешавад.

Яке аз ниҳодҳои (институтҳои) меҳвариву марказӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҷазо ба ҳисоб меравад, ки тартиб, намуд ва пайдарҳамии ҷазоҳои ҷиноятиро муайн менамояд. Низоми ҷазо механизме мебошад, ки давлат тавассути он дар нисбати шахси гунаҳгор ҷавобгарии ҷиноятиро амалӣ месозад. Ин маънои онро дорад, ки бе низоми дақиқи ҷазо, на адолати судӣ таъмин мегардад ва на манфиатҳои иҷтимоӣ ҳифз мегардад. Моҳиятан, сухан дар бораи зинаи асосии тамоми механизми таъсиргузории ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯйи шахсоне меравад, ки даст ба ҷиноят мезананд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар низом намудҳои ҷазо вобаста ба дараҷаи вазнинииашон: аз ҷазоҳои сабук ба ҷазоҳои вазнин суратгиранда ҷойгир гаштаанд. Тасаввуроти имрӯза дар бораи низоми ҷазои ҷиноятӣ ба таври қатъӣ аз низоми ҷазои ҷиноятии давлатҳои тараққикарда фарқ мекунад. Гуногунии намудҳои ҷазо аз рӯйи низоми ҷазои дар КҶ ҶТ (с. 1998) пешбинишуда барои бандубасти ҷиноят аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тавр, низоми ҷазо – ин ҷузъи муҳимми сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки вазифаи он ҳимояи давлат, ҷомеа ва шахс аз

ҷиноят мебошад. Низоми ҷазо воситаи муҳимми адолати иҷтимоӣ буда, барои барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятҳо хизмат мекунад. Гуфтан ба маврид аст, ки бе низоми мукаммали ҷазо, ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавонад вазифаи асосии худро, ки таъмини адолат ва амнияти ҷамъият аст, иҷро намояд.

Рисоланавис аҳаммияти низоми ҷазоро тавассути чунин омилҳо муайян кардааст:

1) мувофиқи қонуни ҷиноятӣ ҳангоми таъини ҷазо муқаррар гардидани намудҳои ҷазо бо нишон додани андоза ва тартиби татбиқи онҳо имконияти худсариро аз тарафи суд истисно менамояд;

2) низоми ҷазои ҷиноятӣ чорчӯби ҳуқуқиро ба вуҷуд меоварад ва ин ба суд имкон медиҳад, то аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ адолати судиро амалӣ намояд.

3) низоми ҷазои ҷиноятӣ ба суд имкон медиҳад, ки ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои кор баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда, принсипи фардикунондани ҷазо амалӣ гардад.

4) низоми ҷазо меъёрест, ки бо он давлат сатҳи ҷавобгариро муайян менамояд. Ин меъёр ба суд имконият медиҳад, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои муносиб таъин намоянд то адолати судӣ таъмин гардад.

5) низоми ҷазо сиёсати давлатро дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ифода менамояд, зеро давлат тавассути он нишон медиҳад, ки ба кадом намудҳои ҷазо аҳаммият дода шавад ва дар кадом намуди ҷазо барқарорсозии адолати судӣ ба даст оварда мешавад.

6) тавассуди низоми ҷазо мутаносибӣ ва тавозуни ҷазо ба дараҷаи хавфнокии ҷиноят таъмин мегардад. Ин тавозун яке аз принсипҳои асосии адолати судӣ мебошад.

7) низоми ҷазо мусоидат ба ислоҳи маҳкумшударо таъмин менамояд. Давлат тавассути ҷазоҳои сабук, ки хусусияти ислоҳӣ доранд (корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ), ба шахси гунаҳгор имконияти бозгашт ба ҷомеаро медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки низоми ҷазо на танҳо аз сазо додан иборат аст, балки ислоҳ ва бозпарварии шахсро низ фаро мегирад.

Ба назари муаллиф, низоми ҷазо – ин маҷмуи ҳамаи намудҳои ҷазое мебошад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, бо тартиби муайян ва вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо ҷой дода шудаанд. Он аз рӯйи принсипи аз ҷазои сабук то ҷазои вазнин сохта

шуда, ин сохтори такмилёфта барои суд имконият медиҳад, ки ҳангоми таъини ҷазо онро мутаносибан бо дараҷаи ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор интихоб намояд.

Қисми дуввуми зербоби севвуми таҳқиқот – **«Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки мутобиқи КҶ ҶТ, содир гардидани ҷиноят таъини ҷазо нисбат ба шахси гунаҳкор дар содир намудани кирдори ҷиноятиро ба дунбол хоҳад дошт. Таъини намудҳои гуногуни ҷазоҳои иловагӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб шуда, амалан зарурати такмил додани минбаъдаи низоми ҷазои ҷиноятиро талаб менамояд. Аммо бояд зикр шавад, ки дуруст танзим намудани институти ҳуқуқии ҷазоҳои иловагӣ, аслан, як мавзуи мураккаб ва ҳалношуда ба ҳисоб меравад, зеро тавре ки феълан ба мушоҳида мерасад, дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар мушкили низоманди таносуби намудҳои ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ вуҷуд дорад.

Муаллифи таҳқиқот изҳор медорад, ки дар ибтидо "инқилоб дар шууру андеша" доир ба сабуксозии ҷазо ва аҳаммияти он ба амал омад. Давлат ғояи инсондӯстиро пеш аз ҳама дар ҷараёни поёни асри XX ва ибтидои асри XXI, замоне ки мушаххас шуд он дар муқоиса бо истифодаи намудҳои ҷазоҳои истифодашавандаи сахт муфид ва афзалиятноктар аст, пазируфт. Дар ин ҳолат зери мафҳуми муфид будан на танҳо ҷанбаи моддии қазия, балки ҷанбаи иҷтимоии он низ дар назар аст. Раванди мазкур якрангу ҳамвор набуд, вале дурустии он бо гузашти замон тасдиқи худро пайдо намуд ва он ҳамин тавр идома ёфт.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз масоили муҳимми назариявӣ – ин ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷудосозӣ дар дуруст ва боадолатона таъин намудани ҷазои ҷиноятӣ нақши калидӣ дорад. Ҳар як намуди ҷазои ҷиноятӣ, тибқи мақсад, хусусият ва тарзи таъиноташ ба яке аз ин ду гурӯҳ дохил мешавад.

Мутобиқи назари муҳаққиқ, ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба асосӣ ва иловагӣ як принсипи муҳимми назариявӣ ва амалӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷудо намудани дуҷониба ба суд имкон медиҳад, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои муносиб таъин намояд то адолати судӣ, ҳимояи қонун ваислоҳи маҳкумшуда таъмин гардад. Ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба асосӣ ва иловагӣ барои низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад:

1) Мутаносибии ҷазо бо дараҷаи хавфнокии ҷиноятро таъмин менамояд;

2) Ба суд имконияти интихоб ва инфиродикунонии ҷазоро медиҳад;

3) Таъмини адолати иҷтимоиро осон ва таъмин менамояд;

4) Ислоҳ шудани шахсро таъмин менамояд;

5) Имконият медиҳад, ки таъсири умумии ҷазо пурзӯр карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия «**Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд**», ном гирифта, он аз чаҳор зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои корҳои ҳатмӣ дар низоми ҷазои ҷиноятӣ мавҷуд буда, аз соли 2004 инҷониб таъин карда мешавад. Ҷазои мазкур дорои мазмуну моҳияти худ буда, метавонад мақсадҳои ҷазои ҷиноятиро пайгирӣ намояд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ атрофи мазмуну моҳияти ҷазои мазкур баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дорад. Бисёре аз олимон оқибатҳои тарбиявию сазоии ҷазои мазкурро нишон дода, мазмуну моҳияти ҷазои корҳои ҳатмиро равшан намудаанд.

Муаллифи рисола қайд намудааст, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва ФР ҷазои корҳои ҳатмиро дар низоми ҷазои ҷиноятӣ дар мавқеи чорум қарор додаанд. Аммо дар тафовут аз муқаррароти қонунгузории ҷиноятии ФР дар КҶ ҶТ ба андешаи мо, равиши меъёрҳо каме нодуруст муқаррар шудааст. Масъала сари он меравад, ки дар КҶ ФР тавре, дар низоми ҷазои ҷиноятӣ пай дар пай ҷазоҳо пешбинӣ шудаанд, ҳамон тавр дар моддаҳои баъдина бо тартиб ҷазоҳо дар алоҳидагӣ оварда шудаанд. Дар КҶ ҶТ дар низоми ҷазо корҳои ҳатмӣ дар ҷойи чорум муқаррар шудаанд, вале дар моддаҳои алоҳида дар ҷойи якум. Яъне ҳангоми дар алоҳидагӣ муқаррар кардани намудҳои ҷазо ба низомнокии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст. Бо ин назардошт, пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ ҶТ низомнокии ҷазоҳои ҷиноятӣ риоя карда шавад.

Ба андешаи муҳаққиқ, баҳисобгирӣ ва ҷамъбасту хулосаи таҳқиқоту пажуҳишҳои анҷомшудаи мазкур дар кори муайян намудани мазмуну моҳияти корҳои ҳатмӣ муфид аст. Онҳо бояд дар он ҳадду ҳаҷме муқаррар ва таъин гарданд, ки мақсади иҷрои ҷазо тақозо менамояд. Бояд гуфт, ки унсурҳои сазо дар ҷазо на фақат

боиси ба вуҷуд омадани маҳдудият ва ранҷу азият барои шахси маҳкумшуда, балки сабаби ислоҳу тарбияи ӯ мегарданд, дар шахси маҳкумшуда ҳисси эҳтиром нисбат ба тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунро парвариш медиҳанд.

Муаллифи таҳқиқот зикр кардааст, ки дар ҳеҷ кишвари дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон вуҷуд доштани бекорӣ ба маънои он нест, ки дар кишвар ба таври пурра ҷойҳои холии корӣ вуҷуд надоранд. Барои мисол, тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, нашри эълони ҷойҳои холии корӣ аз он дарак медиҳад, ки дар муассисаву корхонаҳои мухталифи минтақаҳои гуногуни кишвар ба таври доимӣ ҷойҳои кории холии борбардорӣ, фарроши майдонҳо, биноҳо, биноҳои маъмуриву хизматӣ, коргарони мухталиф, коргарони кумакрасон, оташкор (кочегар), кормандони нигоҳубину истифодаи роҳҳо, коргарони соҳаи хоҷагии қишлоқ ва ғайра вуҷуд доранд. Илова бар ин, таҳлили матбуоти хориҷӣ нишон медиҳад, ки ба ин гурӯҳ ва категорияи коргарон, ҳатто дар кишварҳои хеле пешрафтаи дунё низ ҳамеша тақозо вуҷуд дорад. Дар ҶТ адои корҳои ҳатмӣ танҳо дар объектҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ба андешаи мо, дар шароити кунунӣ муқаррароти мазкур дуруст ба назар мерасад, зеро адои корҳои ҳатмӣ дар объектҳои хусусӣ моҳияти меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ будани онро гум мекунад.

Ба ақидаи диссертант, дар асоси тағйироти суратгирифтаи қонунгузорӣ (таҳрири қонунгузории ҷиноятӣ) мо метавонем чунин натиҷагирӣ кунем: мазмуну муҳтавои сазои корҳои ҳатмӣ дар он ифода меёбад, ки имкони бо дигар намуди ҷазо иваз кардани корҳои ҳатмӣ тағйир ёфтааст ва ин, асосан, ҳам бо пайдоиши намудҳои нави ҷазо ва ҳам имконнопазирии иҷрои ҷазоҳои мавҷуда вобаста буд; доираи шахсоне, ки ба корҳои ҳатмӣ таъин карда намешаванд, ҳам бо хориҷ кардани баъзе категорияҳо ва ҳам бо илова кардани категорияҳои нав тағйир ёфтааст.

Муаллиф тазаккур додааст, ки самарабахшии моҳияти ҷамъиятии ҷазо бо дараҷаи таъсири сазо ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, муайян карда мешавад. Мазмуну моҳияти корҳои ҳатмиро тавассути хусусиятҳои он ифода кардан мумкин аст. Зимни таҳқиқоти мазкур чунин хусусиятҳои муҳимми корҳои ҳатмиро бояд ҷудо намуд:

1. Маҳдудиятҳои конститутсионии марбут ба иҷрои корҳои ҳатмӣ. Татбиқи корҳои ҳатмӣ як қатор ҳуқуқҳои конститутсионии маҳкумшударо маҳдуд менамояд. Муҳимтарини онҳоро метавон чунин зикр намуд:

а) маҳдудиятҳои озодии интихоби ҷойи кор ва намуди кор.

б) маҳдудияти ҳуқуқ ба истироҳат.

в) маҳдудияти гирифтани музд барои кор.

2. Маҳдудсозиҳое, ки ба иҷрои корҳои ҳатмӣ алоқаманд ва хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ доранд. Татбиқи корҳои ҳатмӣ як қатор маҳдудиятро ба миён меорад, ки мазмуну муҳтавои мухталифро доро мебошанд. Аз ҷумла иҷрои корҳои ҳатмӣ дар баробари таҳсил, вале берун аз вақти таҳсил ва амсоли инҳо.

Зимни шарҳу тафсири хусусиятҳои сазоии корҳои ҳатмӣ, диссертант иброз намудааст, ки ҷанбаи муҳимми чунин ҷазо, яъне иҷрои корҳои ҳатмиро на унсурҳои сазоӣ, балки ҷиҳати тарбиявии онҳо ташкил медиҳад. Ягона роҳе, ки иҷрои ин мақсадҳоро таъмин менамояд, ин тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба қонунҳо мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардид, ки моҳияти корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазо ба хусусиятҳои махсуси он корҳое бастагӣ дорад, ки ҳангоми адо намудани давраи иҷрои ҷазо тавассути шахси маҳкумшуда иҷро мегарданд. Моҳияти корҳои ҳатмӣ дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун ҷазои сабук,ислоҳкунанда ва самаранок амал мекунад. Ин намуди ҷазо шахсро аз ҷомеа дур намекунад, балки ӯро водор месозад, ки бо меҳнати фоиданоки худ зарари иҷтимоиро ҷуброн намуда, ба ҳаёти қонунмеҳвар баргардад. Ҷазои корҳои ҳатмӣ, асосан, ба он равона шудааст, ки шахси гунаҳгор бе маҳрум шудан аз озодӣ, иҷрои меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ҳисси масъулият, интизом ва эҳтиром ба қонунро дар худ тақвият бахшад. Ҷазои корҳои ҳатмӣ таҷассумгари сиёсати инсонпарваронаи ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар замони муосир воситаи самараноки пешгирии ҷиноятҳо ва ислоҳи шахс баромад менамояд.

Корҳои ҳатмӣ яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд, ки мақсади онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танбеҳ додани шахси ҷинояткор ва ҳамзамон бо роҳи меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат менамоянд. Ин намуди ҷазо ҳамчун алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ истифода мешавад ва дар асоси ҳукми суд татбиқ мегардад. Корҳои ҳатмӣ бо он фарқ мекунанд, ки шахс дар озодӣ қарор дорад, вале вазифадор мешавад, ки дар муҳлатҳои муайян ва дар ҷойҳои муайян корҳои ҷамъиятии бемуздро анҷом диҳад.

Моҳияти ҳуқуқии корҳои ҳатмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷазо тавассути ҷалб намудани шахс ба меҳнати фоиданок

масъулиятшиносӣ ва эҳсоси ҷавобгариро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад. Яъне шахс бо заҳмати худ ҷуброни ҷинояти содиркардаашро пеши ҷомеа адо мекунад. Ин навъи кор , ки одатан, дар муассисаҳои коммуналӣ, тозакунии муҳит, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва дигар фаъолиятҳои бидуни музд сурат мегирад, хусусияти тарбиявӣ дорад. Бартарии асосии корҳои ҳатмӣ дар он аст, ки шахс дар ҷомеа нигоҳ дошта мешавад ва ҷазои худро берун аз муассисаи ислоҳӣ иҷро мекунад. Ба фарқ аз маҳбас, ки аксаран ба маҳкумшуда таъсири равонӣ ва иҷтимоии манфӣ мерасонад, корҳои ҳатмӣ шахсро аз муҳити ҷинояткорона дур нигоҳ медоранд. Илова бар ин, давлатро аз хароҷоти нигоҳдории шахс дар муассисаи ислоҳӣ озод мекунад. Ин намуди ҷазо ҳам арзонтар ва ҳам самарабахштар мебошад.

Бо вуҷуди ин татбиқи корҳои ҳатмӣ низ мушкилоти худро дорад. Дар баъзе минтақаҳо муассисаҳо ё инфрасохтори лозима барои қабул ва корфармоии шахсони маҳкумшуда вуҷуд надоранд. Ҳамчунин сатҳи назорат ва мониторинг метавонад коҳиш ёбад, ки ин боиси саркашӣ ё иҷро нашудани ҷазо мегардад. Барои ҳамин зарур аст, ки мақомоти маҳаллӣ, судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо ҳамоҳанг амал кунанд ва муносибати шахсӣ ба ҳар як маҳкумшуда дошта бошанд.

Дар маҷмуъ, корҳои ҳатмӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ яке аз шаклҳои муосири амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳадафашон тарбияи шаҳрванд, пешгирии такроран содир намудани ҷиноят ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар доираи меъёрҳои инсондӯстона мебошад. Ин намуди ҷазо на танҳо ҳамчун воситаи ҷазодиҳӣ, балки ҳамчун механизми ислоҳи иҷтимоӣ низ хидмат мекунад.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар саросари ҷаҳон инсондӯстона гардонидани ҷазоҳои ҷиноятӣ бо маром идома дорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш намуда истодааст, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои мувофиқ таъин карда шавад. Аз ин ҷост, ки барои ҷиноятҳои дорои хусусияти молумулкӣ ҷазоҳои молумулкӣ муқаррар карда мешавад. Корҳои ислоҳӣ як намуди муосири ҷазои молумулкӣ мебошанд, ки иқтидори кофии сазоро нисбати маҳкумшуда ва таъсири хеле мусбати иқтисодиро ифода мекунанд. Корҳои ислоҳӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти молумулкӣ таъсири хуби тарбиявӣ доранд.

Ба андешаи муҳаққиқ, мазмуну муҳтавои ҷазои ҷиноятӣ аз сӯйи қонунгузор дар робита ба навъҳои корҳои ислоҳӣ ба таври равшан нишон дода нашудааст. Бо сабаби он, ки қонунгузорӣ мафҳуми корҳои ислоҳиро мушаххас насохтааст, зарурат ба миён меояд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор бигирад.

Муаллифи таҳқиқот қайд мекунад, ки тарбия воситаи ҷазо намебошад, вале ба қисми аввали андешаи муаллиф розӣ шудан душвор аст, чунки мазмуни асосии ҳар як ҷазо маҳз тарбияро фаро мегирад. Ғайр аз ин, тарбия кардан ҷузъи таркибии яке аз мақсадҳои ҷазо – ислоҳи маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Инчунин корҳои тарбиявӣ маҳз ҳангоми адои ҷазо ба маҳкумшуда дар нозироти ислоҳӣ ба амал баровarда мешавад. Тарбия яке аз функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Дар баробари ин муаллиф дуруст қайд кардааст, ки ҷазо василаи тарбия буда метавонад. Модоме ки ҷазо василаи тарбия бошад, пас табиист, ки мазмуни ҷазои корҳои ислоҳиро тарбия ташкил медиҳад.

Низоми ҷазои ҷиноятӣ яке аз заминаҳои муҳимтарини таъмини адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад. Дар замони муосир, таъкид бештар ба он мешавад, ки ҷазо бояд на танҳо хусусияти ҷубронсозӣ, балки хусусияти тарбиявӣ ва пешгирӣ низ дошта бошад. Маҳз дар ин замина корҳои ислоҳӣ ҳамчун яке аз намудҳои нисбатан “мулоим”-и ҷазо аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад. Ин намуди ҷазо, ки бештар нисбати шахсоне татбиқ мегардад, ки ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин ва дараҷаи миёнаро содир кардаанд, барои барқарорсозии робитаи шахс бо ҷомеа ва эҳёи ӯ ҳамчун узви фаъол ва муфид хизмат мекунад.

Моҳияти асосии корҳои ислоҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахси маҳкумшуда, ба ҷойи адои муҳлат дар муассисаи ислоҳӣ, вазифадор мешавад дар ҷойи муайян ба меҳнати ҷамъиятӣ машғул шаванд. Дар ҷараёни иҷрои ин намуди ҷазо, маҳкумшуда аз муҳити иҷтимоӣ ҷудо намешавад, балки кори худро идома дода, дар ҷомеа зиндагӣ ва меҳнат намуда, масъулиятеро ба дӯш мегирад. Ин тарзи муносибат ба шахси ҷинояткор имкон медиҳад, ки ислоҳ шавад бидуни он ки дар муҳити маҳрум сохтан аз озодӣ қарор гирад, ки ин худ як омилест барои ташаккули минбаъдаи ҷинояткорӣ.

Мазмуни иҷтимоии чунин ҷазо дар он аст, ки маҳкумшуда барои амали худ ҷавобгарии фардӣ эҳсос мекунад, аммо ба ҷомеа фишори молиявӣ ё маънавии зиёд намеорад. Илова бар ин, шахс аз муҳити маҳрум сохтан аз озодӣ дур нигоҳ дошта мешавад, ки як

муҳити таҳмилкунандаи ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Ин бартарӣ муҳим аст, зеро мутахассисон собит намудаанд, ки муҳити маҳбас на ҳама вақт "ислоҳгар" аст, балки метавонад шахсро боз ҳам аз ҷомеа дур ва ба ретсидиви ҷиноят омода созад.

Бо вуҷуди ин корҳои ислоҳӣ дорои бартариҳои равшан дар муқоиса бо ҷазоҳои сахттар, аз ҷумла маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд.

Аввалан, ин намуди ҷазо барои давлат хароҷоти камтар дорад, зеро нигоҳдошти маҳкумшуда дар муассисаи ислоҳӣ маблағ ва захираҳои зиёдро тақозо менамояд.

Дуюм, боқӣ мондани шахс дар муҳити хонаводагӣ ва иҷтимоӣ барои тарбия ва барқарорсозии ҳаёти ӯ хеле муфидтар мебошад.

Сеюм, чунин намуди ҷазо метавонад сатҳи такрори ҷиноятҳоро коҳиш диҳад, зеро шахс худро дар ҷараёни "аз нав ба ҷомеа ворид шудан" эҳсос мекунад на берун аз он.

Аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ корҳои ислоҳӣ дар як вақт ба се вазифаи асосии ҷазо ҷавоб медиҳанд: барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятҳои нав. Яъне шахс барои кирдори худ ҷавобгар мешавад, мехоҳад, ки дар заминаи меҳнати фоиданок масъулпазир гардад ва ҳамзамон эҳсос мекунад, ки ҷомеа ӯро комилан рад накардааст.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ як воситаи муосир ва нисбатан муассир барои мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд агар онҳо дуруст ва пурра татбиқ шаванд. Корҳои ислоҳӣ имкон медиҳанд, ки муносибати инсондӯстона ва барқарорсозии иҷтимоӣ дар низоми адлияи ҷиноятӣ амалӣ шавад. Барои беҳтар кардани татбиқи чунин ҷазо, бояд заминаҳои ҳуқуқӣ, инфрасохтор ва равандҳои назоратӣ такмил дода шаванд то ки ин намуди ҷазо ба таври босамар иҷро гардад.

Зербоби сеюм ба масъалаи **«Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»** бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф зикр намудааст, ки ҳуқуқ ва тартибот дар сохторҳои низомӣ яке аз рукнҳои асосии пойдории давлат ва таъмини амнияти миллӣ маҳсуб мешавад. Дар шароити муосир, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои гуногун рӯбарӯ аст, омӯхтани масъалаҳои марбут ба хизмати ҳарбӣ ва ҷазоҳои махсус дар ин соҳа аҳаммияти камназир пайдо кардааст. Яке аз муҳимтарин намудҳои ҷазо, ки нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ татбиқ мешавад, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мебошад. Ин ҷазо

бо мақсади таъмини интизом ва тарбияи хизматчиён, инчунин ислоҳ ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мешавад.

Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мафҳумест, ки ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар назди қонунгузории бисёр кишварҳо муайян шудааст. Ин ҷазо дар ҳолатҳое таъин мешавад, ки хизматчӣ ҳуқуқро вайрон менамояд ва ҷазоҳои сахттар, аз қабили маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба ӯ татбиқ намешаванд. Дар натиҷа хизматчӣ наметавонад мансаб ё вазифаи нав бигирад, метавонад аз мукофотпулӣ маҳрум шавад ва дар баъзе ҳолатҳо наметавонад қисми ҳарбиро тарк кунад. Маҳдудиятҳои дар хизмати ҳарбӣ муқарраргардида барои таъмини тартибот ва риояи талаботи хизматӣ равона шудаанд ва ба нигоҳ доштани муҳити мутобиқ ба талаботи низоми ҳарбӣ ёрӣ мерасонанд.

Хусусияти асосии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар он аст, ки он танҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ дахл дорад ва бо ҳукми суд таъин мешавад. Муҳлати ҷазо метавонад гуногун бошад, вале, одатан, аз ду моҳ то ду солро фаро мегирад. Ин ҷазо хизматчиро аз ҷомеа ҷудо намекунад, балки ӯро дар муҳити хизматӣ нигоҳ медорад ва ӯро маҷбур мекунад, ки дар доираи қонун ва тартибот амал намояд. Мақсади аслии ин ҷазо, на танҳо ҷазо додан, балки тарбия ва ислоҳи хизматчӣ мебошад.

Дар заминаи таъмини амнияти миллӣ ва суботи дохилӣ таъин гардидани маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ҳамчун як воситаи муассири танзимкунанда аҳаммияти калон дорад. Таъини ҷазои мазкур ба давлат имкон медиҳад, ки бе хориҷ кардани хизматчии таҷрибадор аз низоми ҳарбӣ, рафтори ӯро танзим намояд ва қонуниятро дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ таъмин созад. Ин ҷазо боиси он мегардад, ки хизматчиёни ҳарбӣ аз содир кардани хатоҳо ва вайрон кардани қонунҳо худдорӣ намоянд ва ба масъулиятшиносӣ бештар майл дошта бошанд.

Омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ барои кормандони ҳарбӣ, ҳуқуқшиносон ва мутахассисон дар соҳаи мудофиа муҳим мебошад. Ин мавзуъ ба онҳо кумак мекунад, ки раванди татбиқи ҷазоҳои махсусро дуруст фаҳманд ва бо истифодаи он муҳити хизматиро ботартибу устувор гардонанд. Ҳамчунин барои омӯзгорону донишҷӯён ва шаҳрвандон фаҳмиши дақиқи ин ҷазо мусоидат мекунад, ки дар ҷомеа масъулият ва эҳтироми ҳуқуқи ҳар як шахс таъмин гардад.

Дар маҷмуъ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ҳамчун ҷазои махсусе, ки бо мақсади таъмини тартибот ва тарбияи хизматчиён татбиқ мешавад, нақши муассир дар устувории сохторҳои низомӣ ва амнияти давлат мебозад. Бо дарназардошти таҳдидҳои имрӯза ва ниёзи мунтазам ба кадрҳои масъул ва ихтисосманд, татбиқи дурусти ин ҷазо барои устувории низоми ҳарбӣ ва таҳкими қонуният нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мавзуъ на танҳо барои кормандони соҳаи низомӣ, балки барои тамоми ҷомеа аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар маҷмуъ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ҳамчун ҷазои махсусе, ки дар заминаи қонунгузории ҷиноятӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, нақши калидӣ дар устувории низом ва таъмини амнияти миллӣ мебозад**.** Танзими муносибатҳои хизматӣ бо истифодаи чунин ҷазоҳо кафолати иҷрои қонун ва ҳифзи тартиботи ҳарбиро таъмин менамояд. Ин мавзуъ бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ ва ҷомеа қарор гирад, зеро устувории низоми ҳарбӣ ва суботи ҷамъият ба дараҷаи баланди масъулиятшиносии ҳар як хизматчӣ вобаста аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф таърифи ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро чунин муайян кардааст: Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ин низоми маҳдудсозиҳое мебошад, ки қонунгузори ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ онҳоро муқаррар намуда, дорои хусусиятҳои ҳуқуқӣ, моддӣ ва хизматӣ мебошанд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо бо мақсади азнавтарбиякунӣ ва ислоҳи маҳкумшуда ба ӯ таъсири ҳуқуқӣ, моддӣ, равонӣ, хизматӣ, иқтисодӣ ва ғайра расонида мешавад.

Зербоби чоруми боби дуюм – «**Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ**» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки маҳдуд кардани озодӣ яке аз намудҳои нави ҷазои ҷиноятӣ буда, дорои мазмуну моҳият ва аломатҳои худ мебошад, ки қисме аз онро қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Аз сабаби он ки сухан дар хусуси озодӣ ва маҳдуд кардани он меравад, бинобар ин масъала ба ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷиҳат таҳлили масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Мутобиқи назари диссертант, ҳадаф аз маҳдуд кардани озодӣ ба унвони яке аз ҷазоҳои алтернативӣ дар низоми ҳуқуқии муосир аз он иборат аст, ки шахси содиркунандаи ҷиноят бидуни ҷудо гардидан

аз ҷомеа зери назорат ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор дода шавад. Натиҷабахш будани ин ҷазо бастагӣ ба он дорад, ки чигуна механизмҳои контрол ва пуштибонӣ барои таъмини иҷрои он мавриди истифода қарор мегиранд. Дар гузашта контрол ва назорат ба сурати суннатӣ, асосан, бо роҳи ҳозир шудани шахси маҳкумшуда дар назди мақомоти ваколатдор ва тафтишоти даврӣ амалӣ мешуд. Аммо имрӯз, илова бар равиши зикршуда, имконоти наву муосири дигар мавҷуданд, ки дар сурати истифода метавонанд назоратро бо дастгирии иҷтимоӣ бо ҳам пайванд диҳанд ва дар натиҷаи ин на танҳо иҷрои мақсади ҷазо, балки ислоҳи шахси маҳкумшуда низ таъмин мегардад.

Тавре муҳаққиқ қайд намудааст, хусусияти дохилии унсурҳои мазкур моҳияти чораи маҳдуд кардани озодиро ташкил медиҳад ва ин унсурҳо воситаи таъсиргузориро ба ҷазо табдил медиҳанд, ба туфайли унсурҳои мазкур ҷазо ба азобу азияти беҳуда аз як тараф табдил намеёбад ва аз тарафи дигар он ба воситаи ҳавасмандсозӣ барои мисол, воситаи истироҳат аз кор ҳам мубаддал намегардад.

Ба ақидаи диссертант, маҳдуд кардани озодӣ яке аз унсурҳои механизми ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва манфиатҳои муҳимтарини шахс, ҷомеа ва давлат мебошад. Ҳамзамон маҳдуд кардани озодӣ танҳо дар доираи муносибатҳои махсуси ҳуқуқие, ки ба институти ҷазо хоссанд, амалӣ карда мешавад. Маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун унсури механизми ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ на танҳо ба таъмини арзишҳои иҷтимоии дар натиҷаи ҷиноят вайроншуда, балки ба таъмини мақоми махсуси шахсоне, ки ба ин намуди ҷазо гирифтор гардидаанд, нигаронида шудааст. Ба тарзи дигар, ин маънои онро дорад, ки шахсро метавон дар бинои дигаре, ки он барои нигаҳдории муваққатии шахсоне, ки мавриди таҳқиқ қарор мегиранд, ҷойгир кард. Ба таври ғайриқонунӣ қарор додани шахс дар маҳал ё бинои муайян бо мақсади ба ӯ расонидани азияту озор, як навъ маҳдудсозии озодии шахс ба ҳисоб меравад.

Маҳдуд кардани озодии шахс яке аз намудҳои ҷазои асосии ҷиноятист, ки он аз маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят тавассути нигоҳ доштани ӯ дар муассисаи ислоҳӣ иборат мебошад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар КҶ ҶТ мафҳуми маҳдуд кардани озодӣ вуҷуд надорад. Аз мазмуни меъёри КҶ бармеояд, ки он ифодакунандаи мафҳуми ҷазои маҳдуд кардани озодӣ намебошад ва мазмуни онро низ пурратар ошкор намесозад. Ҳамзамон бояд

гуфт, ки нигоҳ доштан дар муассисаҳои махсус, ки дар меъёр муқаррар шудааст, аллакай худ ифодакунандаи ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа ба ҳисоб меравад ва моҳияти онро ҳамчун ҷазои бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа аз байн мебарад. Бо ин назардошт мо зарур мешуморем, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми маҳдуд кардани озодӣ муқаррар карда шавад.

Маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ дар қонунгузории муосир ҷойгоҳи махсус дорад ва аҳаммияти ҳуқуқии он сол аз сол меафзояд. Ин намуди ҷазо нисбат ба маҳрум сохтан аз озодӣ шакли мулоимтар ва гуманитарии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Мақсади асосии он таъмини адолати ҷиноятӣ бо нигоҳ доштани робитаи маҳкумшуда бо ҷомеа мебошад. Яъне шахс ҷазо мебинад, вале аз муҳити иҷтимоӣ комилан канда намешавад. Маҳдуд кардани озодӣ, дар асл, як навъи миёна байни озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ аст.

Мазмуни маҳдуд кардани озодӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахси маҳкумшуда ҳақ надорад бе иҷозати мақомоти дахлдор ҷойи зисти худро тарк кунад, бояд дар ҷойи муайян зиндагӣ ва фаъолият кунад ва як қатор маҳдудиятҳоро риоя намояд. Ин маҳдудиятҳо метавонанд ҳам хусусияти ҷисмонӣ ва ҳам иҷтимоӣ дошта бошанд, масалан, манъ шудани баромадан аз шаҳр, ба таври ҳатмӣ ҳозир шудан дар нозироти корҳои ислоҳӣ, риояи тартиби муқарраркардашудаи кор ва фаъолият. Маҳкумшуда дар ҳамин ҳол имкони кор кардан, бо хонавода будан ва ҳаёти муқаррариро идома додан дорад, ки ин барои ислоҳшавӣ ва бозгашти ӯ ба ҳаёти солим мусоидат мекунад.

Аломатҳои ҳуқуқии ин ҷазо ба таври равшан муайян мебошанд ва он аз дигар намудҳои ҷазо бо чанд хусусияти хос фарқ мекунад. Аввалан, маҳдуд кардани озодӣ танҳо бо ҳукми суд таъин мешавад ва суд муқаррар мекунад, ки шахс дар куҷо зиндагӣ кунад, чӣ қадар маҳдудият дошта бошад ва барои чӣ муҳлате. Дуюм, ин намуди ҷазо дар муассисаҳои ислоҳӣ татбиқ намешавад, балки шахс дар муҳити озод, вале зери назорати расмии мақомоти иҷрои ҷазо қарор мегирад. Сеюм, вайрон кардани шартҳои таъиншуда метавонад боиси иваз шудани ҷазо ба ҷазои сахттар гардад, ки ин як омили таъминкунанада мебошад.

Нуктаи муҳимме, ки маҳдуд кардани озодиро аз дигар ҷазоҳо фарқ мекунад, ин хусусияти иҷтимоии он аст.  Маҳрум сохтан аз озодӣ аксар вақт боиси бадтар шудани ҳолати равонӣ ва иҷтимоии

маҳкумшуда мешавад дар ҳоле ки маҳдуд кардани озодӣ ин таъсирро кам мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар қонунгузории бисёре аз кишварҳо ин намуди ҷазо барои шахсоне истифода мешавад, ки хавфи иҷтимоии паст доранд, ё бори аввал ҷиноят содир намудаанд.

Бо вуҷуди он ки маҳдуд кардани озодӣ нисбатан шакли сабуки ҷазо ба ҳисоб меравад, татбиқи самараноки он ба омодагӣ ва салоҳияти мақомоти назоратӣ вобаста аст. Назорати дуруст, кор бо маҳкумшуда ва истифодаи усулҳои ислоҳиву тарбиявӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд. Агар танҳо маҳдудият ҷорӣ гардад, вале назорат ва ё ҳамкорӣ набошад, ин ҷазо таъсири лозимаро намерасонад. Аз ин рӯ, дар амал ин намуди ҷазо бояд бо назорати иҷтимоӣ ва равонӣ ҳамроҳ бошад.

Дар маҷмуъ, маҳдуд кардани озодӣ дар замони муосир ҳамчун як роҳи баланди ҳуқуқӣ барои ислоҳи шахс, коҳиши шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ ва тарбияи иҷтимоии шаҳрвандон шинохта мешавад. Маҳдуд кардани озодӣ имкон медиҳад, ки ҷазо бо мақсади ислоҳ намудани маҳкумшуда татбиқ гардад на танҳо ҳамчун василаи ҷазодиҳӣ. Самаранокии чунин ҷазо ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза мақомоти иҷрои ҷазо ва ҷомеа онро дастгирӣ ва ҳамоҳанг мекунанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»** ном гирифта, аз чаҳор зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум – **«Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар шароити шаклгирии ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд дар кишвар риояи принсипи дар авлавият қарор доштани ҳифзи озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ расидан ба ду мақсади аз ҷиҳати мазмун аз ҳамдигар мухталифро тақозо менамояд: истифода ва бакоргирии ҷазоҳои нисбатан сахттар нисбат ба шахсони гунаҳгор дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ва гуманизатсияи раванди таъин ва иҷрои ҷазо нисбат ба шахсоне, ки аз лиҳози иҷтимоӣ хавфи ҷиддӣ дар ҷомеа ба ҳисоб намераванд ва ислоҳу тарбияи онҳо бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият имконпазир аст.

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки дар давраи 6 соли охир, яъне аз соли 2019 то соли 2024 теъдоди аҳолии ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар Тоҷикистон ба нуқтаи ҳассоси худ расидааст: танҳо тайи ин давра лозим ба зикр аст, ки дар кишвар дар

асоси 62502 ҳукми судӣ ба 63842 нафар ҷазои ҷиноятӣ таъин гардидааст, ки аз ин шумора 23984 ҳукми онро ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад. Агар ба таври дигар бигӯем, яъне ба 38,37%-и шахсон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда мешавад, ки ба мақсад мувофиқ нест. Тақрибан аз се як ҳиссаи ҳукмҳои судиро ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад. Аз ҳукмҳои баровардашудаи 6 соли охир (2019-2024) корҳои ҳатмӣ 3986 парвандаро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳукмҳои дар умум баровардашуда 6,37%-ро ташкил менамоянд.

Ба ақидаи муҳаққиқ, масъалаи баланд бардоштани самаранокии корҳои ҳатмӣ ва васеъ намудани асосҳои татбиқ намудани он низ ҳалли худро талаб менамояд. Чунин вазъият ба ин далел ба вуҷуд омадааст, ки аз рӯйи санксияҳои вобаста ба меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд ба ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин ва дараҷаи миёна бартарият доштанд. Ҳамчунин дар ин замина яксон ва якранг будани таҷрибаи амалии судҳо доир ба таъини намудҳои мушаххаси ҷазоҳои татбиқшаванда таъсиргузор будааст.

Диссертант қайд мекунад, ки дар назди идораи корҳои ислоҳӣ ё дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимият хадамоти махсуси иҷрокунандаи ҷазои корҳои ҳатмӣ ташкил карда шавад, чунки ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳӣ, ки бе иҷрои ҷазои мазкур боз дорои вазифаҳои зиёд мебошанд, гузаштани иҷрои корҳои ҳатмӣ мувофиқи мақсад нест. Ғайр аз ин, дар бисёр давлатҳои хориҷӣ оид ба назорати иҷрои ин намуди ҷазо мақомотҳои махсус амал мекунанд, ки вазифаи асосии онҳо маҳз аз ташкилу иҷрои ин ҷазо иборат аст.

Зербоби дуюми боби сеюм ба масъалаи **«Таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»** бахшида шуда, аз ду қисм иборат мебошад.

Қисми якуми зербоби дуюми таҳқиқот – **«Ҳолатҳое, ки ҳангоми таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ аз тарафи суд ба инобат гирифта мешаванд»,** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки зимни таъини ҳар як намуди ҷазо суд бояд баъзе ҳолатҳоеро ба инобат гирад, ки аз ҷониби қонунгузорӣ муқаррар гардида, дар баровардани ҳукм мусоидат менамоянд. Корҳои ислоҳӣ аз ҷумлаи чунин намуди ҷазоҳое мебошанд, ки татбиқи он дар амалия баҳсу мунозираҳои мухталифро ба миён овардааст. Аз ҷумла атрофи масъалаҳои муҳлати адои ҷазо, меъёри тарҳи маблағ аз музди меҳнати маҳкумшуда, татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбати ноболиғон ва ғайра дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дорад.

Муҳаққиқ иброз намудааст, ки корҳои ислоҳӣ чунин ҷазое мебошанд, ки на он қадар сахт ва маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аксар вақт он барои ҷиноятҳое, ки барои ҷомеа хавфи махсус надоранд ва ё барои одамоне, ки бидуни истифодаи чораҳои сахттари ҷавобгарӣ ислоҳ шуда метавонанд, таъин карда мешавад. Бисёр масъалаҳо оид ба таъин кардани ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳанӯз ҳам ҳал нашудааст ва такмили минбаъдаи қонунгузориро талаб мекунанд. Бо такмил додани камбудиҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мушкилоти дар самти таъин ва иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ҳалли худро пайдо менамояд.

Ба гуфтаи муаллифи таҳқиқот, масъалаи омӯхтани шахсияти судшаванда ҳангоми таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ бисёр муҳим ба ҳисоб меравад, аз ҷумла доштани доғи судӣ, ноболиғ будан, шомил будан ба гурӯҳе, ки нисбати онҳо ҷазои мазкур таъин намегардад ва ғайра.

Мавриди зикр аст, ки дар вақти таъини корҳои ислоҳӣ нисбат ба наврасони меҳнаткаш бисёр проблемаҳо ба миён меоянд. Дар бештари ҳолат ба таври умум шахсони ноболиғ, мутаассифона, касбу ихтисоси лозим ва баланди касбӣ надоранд ва ба ҳамин далел ҳам онҳо даромади камтар ба даст меоранд. Аз ин рӯ таъини ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ бо ситонидани қисми муайяни музди меҳнати шахси ноболиғ салоҳ дониста намешавад.

Ба андешаи диссертант, чунин гурӯҳи ҳолаҳоро суд бояд ҳангоми таъин кардани ҷазои корҳои ислоҳӣ ба судшавандаи ноболиғ мавриди омӯзиш қарор диҳад:

1) ҳолатҳои иҷтимоӣ-демографӣ;
2) ҳолатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ;
3) ҳолатҳои зуҳуроти иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт;
4) хусусиятҳои ахлоқӣ;
5) аломатҳои равонӣ;
6) хусусиятҳои биологӣ.

Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки ҳангоми ба корҳои ислоҳӣ маҳкум кардани ноболиғон, бояд талаботи қонунгузории меҳнатӣ ба инобат гирифта шавад, вале корҳои ислоҳӣ нисбат ба хонандагони ноболиғ татбиқ карда нашаванд. Дар ин маврид омӯзиш ҳамчун омили муҳимми иҷтимоигардонии субъект аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Бояд гуфт, ки таъини ҷазои кори ислоҳӣ нисбати ноболиғон дар амалия татбиқи пурраи худро наёфтааст. Ба

назари муаллиф, масъалаҳои самарабахшии таъсири ислоҳӣ ба ноболиғон тавассути татбиқи ҷазоҳои аз ҷониби суд барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун таъиншуда аз аҳаммияти хосси мавзуи мавриди омӯзиш шаҳодат медиҳанд. Ба андешаи муаллиф, корҳои ислоҳӣ ба ноболиғи маҳкумшуда имкон медиҳад, ки дар муҳити маъмулии худ бошад, иртиботашро бо хешу табор ва наздиконаш қатъ накунад, маҳкумшуда дар ин маврид то андозае озодии амал ва ҳаракатро доро мебошад.

Рисоланавис ишора мекунад, ки корҳои ислоҳӣ аз нигоҳи татбиқи он нисбат ба ноболиғон як ниҳоди хеле баҳсбарангези ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳисобида мешаванд. Низоъҳо ва ихтилофҳои мавҷудаи байнисоҳавӣ аз номувофиқ будани татбиқи васеи ин ҷазо нисбат ба наврасон шаҳодат медиҳанд. Ба назари диссертант, мавҷудияти корҳои ислоҳиро дар низоми ҷазо барои ноболиғон ҳамчун алтернативаи имконпазир барои категорияи маҳдуди ноболиғон эътироф бояд намуд.

Таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар КҶ ҶТ вазъи моддию оилавии судшаванда, доштан ё надоштани ҷойи кори доимӣ, вазъи саломатӣ ё қобилияти меҳнатии судшаванда, масъалаи таълим ва рушди иҷтимоии ноболиғ, доштан ё надоштани ҷойи кори доимӣ ва монанди инҳо муқаррар нашудааст.

Қисми дуюми зербоби дуюми таҳқиқот – **«Амалияи таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки корҳои ислоҳӣ яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳо бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста набуда, дар амалия ба таври васеъ татбиқ карда мешавад. Аммо таҳлили омори таъини ҷазои мазкур, ҳукмҳои судӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки дар амалияи таъини корҳои ислоҳӣ баъзе масъалаҳои ҳалталаб мушоҳида мегардад. Омӯзиш ва таҳқиқи амалияи татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти мазкур, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани баъзе камбудиҳое, ки дар ҳукмҳои судӣ ба назар мерасанд ва дигар масъалаҳои муҳимми назарию амалӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили КҶ ҶТ (давраи соли 2024) нишон медиҳад, ки истилоҳи “корҳои ислоҳӣ” ҳамагӣ 89 маротиба истифода гардидааст, ки аз ин шумора 21 адад ба Қисми умумӣ ва 68 адад ба Қисми махсус рост меояд. Ҳоло дар 61 моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ омадааст, ки дар 5 ҳолати онҳо ҷазо то як сол, дар 3 ҳолат аз як то ду сол, дар 1 ҳолат аз ду моҳ то як сол, дар 2 ҳолат аз

шаш моҳ то як сол ва дар 57 мавриди дигар ба муҳлати то ду сол пешбинӣ шудааст. Аз 61 моддае, ки корҳои ислоҳиро муқаррар кардааст дар 7 модда ду маротиба ва дар 54 моддаи дигар танҳо як маротиба муқаррар гардидааст.

Ба андешаи муаллифи таҳқиқот, таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки аз як тараф корҳои ислоҳӣ нисбат ба пеш камтар муқаррар шудааст ва аз тарафи дигар дар аксарияти санксияҳо (57 ҳолат) муҳлат то ду сол муқаррар шудааст. Ба фикри муаллиф, чунин ҳолат ба суд имкони фарох дода метавонад то боиси ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ гардад. Яъне суд баъзе ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазоро ба инобат гирифта, муҳлати поёни ҷазоро таъин карда метавонад. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд агар дар 57 санксияе, ки дар онҳо таъини корҳои ислоҳӣ пешбинӣ шудааст, бо дар назар гирифта шудани ҷинояти содиршуда ва оқибатҳои он ҳадди камтарин ва болотарини муҳлати таъини ҷазо барои мисол, ба муҳлати аз як то ду сол, аз як солу ду моҳ то ду сол, аз ду моҳ то як сол, аз шаш моҳ то якуним сол ва ғайра мушаххас карда шавад.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки ҷазои корҳои ислоҳӣ ба қатори шашум мувофиқ намебошад. Корҳои ҳатмӣ, ки дар қатори панҷум меистанд, аз ҷазои корҳои ислоҳӣ вазнинтар мебошад, зеро аввалан, маҳкумшуда корҳои ҳатмиро бемузд иҷро мекунад. Сониян, иҷрои кори мазкур берун аз кори асосӣ ва таҳсил мебошад, дар сурате, ки корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори асосӣ таъин мешаванд, музднок мебошанд. Аз ин рӯ, мо бо роҳи зиёд кардани муҳлати адои ҷазо мустаҳкам намудани имкони маҷбурии корҳои ислоҳиро қобили қабул мешуморем. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод мекунад, ки ҳадди болоии муҳлати адои ҷазои мавриди назар ба муҳлати то 5 сол зиёд карда шавад, зеро он ба принсипи адолати иҷтимоӣ мувофиқ аст. Аз ҷониби дигар, ин имкон медиҳад, ки таъини ҷазои мутаносиб дар сурати содир гардидани ҷиноятҳои начандон вазнин ва ҳамчунин дараҷаи миёна таъмин гардад.

Тавре диссертант иброз намудааст, афроди маҳкумшудае, ки маҳалли шуғли доимӣ надоранд, бояд ҳукми иҷрои корҳои ислоҳиро дар маконҳое, ки мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти масъули иҷрои корҳои ислоҳӣ муайн месозанд, дар ҳудуди маҳалли сукунати худ адо кунанд. Дар муқобил афроди дорои ҷойи кори асосӣ корҳои ислоҳиро дар маҳалли кори хеш иҷро мекунанд.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар амалия новобаста ба мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо судҳо корҳои ислоҳиро

нисбатан сахттар таъин мекунанд. Ҳамзамон дар ҳукмҳои судӣ аксаран ҷойи корӣ доштан ва ё надоштани судшавандаро нишон намедиҳанд. Ҳукмҳои судӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳукми суд ҷойи кори доимӣ доштан ва ё надоштани судшаванда мушаххас нашудааст. Инчунин ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо зиёд нишон дода шуда ва ба инобат гирифта шудаанд ва муҳлати иҷрои корҳои ислоҳӣ ба ҷойи ду сол танҳо чор моҳ таъин шудааст. Аммо дарсади нигоҳдошти музди меҳнат аз 30 фоиз танҳо 50 фоиз кам карда шудааст.

Диссертант изҳори назар кардааст, ки шахси ҷиноятсодиркарда ба ҷабрдида зарари маънавӣ ва ё моддӣ мерасонад, вале суд корҳои ислоҳӣ таъин намуда, шахсро ба манфиати давлат ҷазо медиҳад. Ҷабрдида танҳо дар раванди мурофиаи судӣ боз зарари моддӣ мебинад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар кишвари мо низ Фонди ҷуброни ҷабрдидагон ташкил карда шуда, қисме аз музди меҳнати иҷрокунандаи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба фонди мазкур пардохт гардида, аз ин ҷо ба манфиати ҷабрдида супорида шавад. Ҳамзамон андозаи нигоҳдошти музди меҳнат дар кишвари мо нисбатан калон мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, роҳи беҳтар ин аст, ки муҳлати иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ то ба 3 сол тамдид ва маблағи мавриди ситониш ба ҳадди аз 5 то 20 фоиз муайян карда шавад.

Таъини корҳои ислоҳӣ дар робита ба шахсони ноболиғ дорои нозукии хосси худ мебошад, ки он бархӯрди махсусро тақозо мекунад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ ситонидани маблағи муайян аз музди меҳнат ҳам барои ноболиғон ва ҳам барои шахсони болиғ пешбинӣ гардидааст, ки ба мақсад мувофиқ аст. Аммо нисбат ба ноболиғон инсондӯстона муносибат шуда, андозаи нигоҳдорӣ аз 5 то 15 фоиз муқаррар шудааст.

Муаллифи рисола, тазаккур додааст, ки нишондиҳандаҳои оморӣ дар хусуси таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ вобаста ба солҳо фарқ менамояд. Масалан, агар ба омори солҳои 2000-2010 назар афканем, маълум мегардад, ки таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ то солҳои 2005 афзоиш ёфта, баъдан боз кам гардидааст. Омори солҳои 2019-2024 низ ҳамин ҳолати коҳишёбиро нишон медиҳад. Ба андешаи муаллиф, сабабҳои зерини кам шудани ҳиссаи таъини ҷазои корҳои ислоҳиро зикр кардан мумкин аст: Якум, кам шудани шумораи ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагоне, ки ҷойи кор надоранд. Дуюм, номутобиқатии қонунгузор, ки муносибати худро ба категорияҳои

маҳкумшудагон, ки метавонанд корҳои ислоҳӣ таъин карда шаванд, се маротиба тағйир додааст. Сеюм, аксари маҳкумшудагон ҷойи кори доимӣ надоранд ва ё дар ноҳияи истиқоматиашон ҷойи корӣ мавҷуд нест, ки мақомоти иҷрокунандаи ҷазо барои ӯ ҷойи корӣ муқаррар намоянд.

Муаллиф ба маврид қайд кардааст, ки таъин нагардидани корҳои ислоҳӣ ба категорияи ҷиноятткорони такрорӣ ва заноне, ки кӯдакони то 5-сола доранд, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба назар намерасад, ки ворид намудани онҳоро ба КҶ ҶТ мувофиқи мақсад меҳисобем. Аз ҷумла, шахсе, ки такроран ҷиноят содир кардааст, ин маънои ҳанӯз ислоҳ нашудани онро дорад. Яъне ҷазои қаблӣ ӯро ҳанӯз ислоҳ накардааст. Ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ чунин шахсон дар байни ҷомеа ва аҳолӣ каме хавфнок ба назар мерасанд. Масалан, шахсе, ки қаблан ҷинояти дуздӣ содир кардааст, дар ҳолати содир кардани ҷинояти нав таъини корҳои ислоҳӣ ба ӯ самаранок намебошад. Аввалан, ягон корхона ӯро бо сабаби ҷинояти қаблияш бовар накарда, ба кор гирифта наметавонад. Сонияи, дар ҷойи кори нав эҳтимоли такроран дуздӣ содир кардани вай зиёд мебошад. Заноне, ки кӯдаки то 5 сола доранд имконияти рӯз то бегоҳ кор карданро надоранд, зеро кӯдакони онҳо бенигоҳубин мемонанд. Модар тарбиятгари насли наврас мебошад ва дур будани модар аз фарзандони хурдсол ба тарбияи ахлоқию маънавӣ, равонӣ ва ҷисмонии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ чунин бандҳо илова карда шаванд: "ё) заноне, ки дар тарбияашон кӯдакони то 5 сола доранд; ж) шахсоне, ки такроран ҷиноят содир кардаанд" "з) шахсоне, ки алимент месупоранд".

Зербоби сеюми боби сеюм – **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»** ном гирифта, муҳаққиқ иброз менамояд, ки дар интиҳо роҳи ҳалли қонунгузории мавриди назар имкони берун рафтан аз ҳудудҳои санксияҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро бо сахттар кардани ҷазо фароҳам месозад, зеро номгӯйи ҷазоҳои пешбининамудаи м. 47 КҶ ҶТ ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро дар муқоиса бо ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷазои вазнинтар меҳисобад. Барои мисол, хизматчии ҳарбие, ки аз рӯйи шартнома адои хизмат менамояд, барои хароб сохтани замин (қ. 1 м. 228 КҶ ҶТ) ба ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ маҳкум мегардад. Вале чунин ҷазо дар санксияҳои моддаҳои зикргашта умуман таъкид намешавад. Гузашта аз ин, чунин ҷазо нисбат ба санксияҳои вазнине,

ки дар моддаҳои ёдшуда омадаанд, вазнину сахттар аст. Дар ин замина ҳамчунин холигоҳи ҳуқуқии дигаре низ таваҷҷуҳро ба худ ҷалб месозад: мутобиқи қонун ҳеҷ гуна оқибатҳои ашаддии саркашӣ намудан аз адои ин ҷазо пешбинӣ нашудааст.

Муаллифи таҳқиқот қайд намудааст, ки ҷазоҳое, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ барои содир гардидани ҷиноятҳои ҳарбӣ пешбинӣ шудаанд, тамоми равишҳои расонидани таъсир ба хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла онҳоеро, ки тибқи шартнома хизматро адо менамоянд, ифода намесозанд. Ҳамчун воситаи муассиртарини таъсиррасонӣ ба ин гуна шахсон васеътар истифода бурдани ҷарима ба мақсад мувофиқ аст. Нигоҳ доштани ҷазоҳои махсус барои хизматчиёни ҳарбӣ дар қонуни ҷиноятӣ, ки имкони иҷрои ҷазоро ҳангоми нигоҳ доштани вазъи хизматчии ҳарбӣ барои маҳкумшуда дар назар дорад, ба эътибори Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки барои бартараф намудани проблемаҳои муҳокимашаванда мушкилоте, ки ҳангоми истифодаи ҷазои мавриди назар ба миён меояд, илова кардани ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро такмили заминаи қонунгузории дахлдор нисбат ба ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёни ҳарбӣ зарур аст. Татбиқи таклифҳои самарабахш имконият медиҳад нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ бештар аз ду ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад, то барои ноил шудан ба мақсадҳои дар м. 46 КҶ ҶТ зикршуда саҳм гузоранд.

Мақсади асосии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ислоҳ ва тарбияи хизматчиён мебошад. Ин ҷазо имкон медиҳад, ки шахс дар муҳити хизматӣ бо маҳдудиятҳои муайян кору фаъолият кунад ва рафторашро дуруст намояд. Аз ин рӯ маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ шакли созанда ва ислоҳсозии маҳкумшуда мебошад, ки метавонад ҳамчун воситаи муассир дар нигоҳ доштани интизоми ҳарбӣ нақши асосиро иҷро намояд.

Дар шароити имрӯза, ки таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ва суботи дохилӣ зиёд шудаанд, татбиқи дурусти маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ аҳаммияти зиёдтар касб мекунад. Ин намуди ҷазо ҳамчун воситаи пешгирикунанда ва танзимкунанда барои таъмини риояи қонунҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунад. Ин ҷазо ба ҳифзи тартиботи ҳарбӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва баланд бардоштани масъулияти хизматчиён мусоидат мекунад, ки ин омилҳо барои устувории давлат муҳимманд.

Муҳим будани омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ барои кормандони низомӣ, ҳуқуқшиносон ва мутахассисони соҳаи мудофиа муҳим арзёбӣ мешавад. Ин омӯзиш имкон медиҳад, ки механизмҳои татбиқи ҷазоҳо беҳтар фаҳмида шуда, татбиқи онҳо ба манфиати нигоҳдории тартибот ва риояи ҳуқуқҳо равона гардад. Ҳамчунин барои ҷомеа фаҳмиши ин намуди ҷазо дар таъмини адолат, танзими муносибатҳо ва таъмини масъулиятшиносии хизматчиён нақши муассир дорад.

Зербоби чоруми боби сеюм – **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки мушкилоти таъини маҳдуд кардани озодӣ метавонад бо сабабҳои гуногун вобаста бошад, аз ҷумла, норасоии қонунгузорӣ, мушкилоти иқтисодӣ, шубҳаҳо дар бораи самаранокии онҳо ва таҳдидҳо дар бораи такрори содири ҷиноятҳо. Барои беҳтар кардани низом ва таҳкими таъини дурусти ҷазои мавриди назар зарур аст, ки қонунгузорӣ такмил дода шавад, механизмҳои мониторингӣ ва дастмонаҳои назоратӣ истифода бурда шаванд.

Ба андешаи муаллиф, механизми таъини ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар Тоҷикистон ба як қатор мушкилот ва камбудиҳои сохторӣ ва амалӣ мувоҷеҳ аст. Сабабҳои асосии татбиқи нокифояи механизмҳои ин ҷазо дар баробари норасоии дастмонаҳои электронӣ, мутахассисони баландихтисос ва муассисаҳои назоратӣ метавонад дар якҷоягӣ мушоҳида шавад. Дастмонаҳои электронӣ, ки барои назорат ва контроли маҳдуд кардани озодӣ истифода мешаванд, ба монанди пайгирии ҳаракати инсон, назорати дақиқи маҳкумшудагон ё истифодаи технологияҳои муосири мониторинг дар Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор доранд. Масалан, заминаи техникӣ барои гузаронидани таҳлилҳо ва назоратҳои муассисаҳои ислоҳӣ бо истифода аз технологияи муосир вуҷуд надорад, ки ин боиси дуруст татбиқ нашудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ва нақзи ҳуқуқи инсон гардад.

Муаллиф ба маврид қайд намудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар татбиқи дурусти механизмҳои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар ҶТ мавҷуд набудани мутахассисони варзида мебошад. Дар муассисаҳои ислоҳӣ ва ниҳодҳои назоратӣ, ки вазифаи иҷрои ҷазо ва назорати маҳкумшудагони ҷазои маҳдуд кардани озодӣ доранд, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, информатикҳо-барномасозон, психологҳои ҳирфавӣ, инчунин кормандони техникӣ, ки бо технологиҳои нав кор мекунанд, кам ҳастанд. Мавҷуд набудани

кадрҳо метавонад ба камбудии мониторинг ва иҷрои қонунҳо дар бораи маҳдуд кардани озодӣ оварда расонад.

Ҳолатҳое, ки дар онҳо ҷазои маҳдуд кардани озодӣ истифода намешавад, як сабаби асосии он метавонад ба норасоии қонунгузорӣ ё номукаммалии муқаррароти ҳуқуқии марбут ба ҷазои мавриди назар бошад. Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро метавон бо таваҷҷуҳ ба механизмҳои таъини ин намуди ҷазо боз ҳам мукаммал сохт ё метавон маҳдудиятҳо ва шартҳои фоиданоки дигарро барои татбиқ кардани дурустари ҷазо дарназар гирифт, вагарна дар ҳолатҳои муайян ба ҷойи маҳдуд кардани озодӣ суд бештар ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ рӯ меорад.

Ба назари муҳаққиқ, ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар шакли мониторингҳои электронӣ, барои иҷрои дуруст ва муассир ниёз ба механизмҳои назоратӣ ва сохторҳои дахлдор доранд. Агар чунин механизмҳо ташкил карда шаванд, муассисаҳои назоратӣ ва техникӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад, ин намуди ҷазо ба таври муассир татбиқ мешавад. Ҷазои маҳдуд кардани озодӣ, масалан, дар шакли бақайдгирии маҳкумшудагон бо механизми мониторинг ё дастмонаҳои электронӣ талаботи гуногунро барои таълим ва омӯзиши кадрҳо ба вуҷуд меорад. Дар Тоҷикистон мутахассисони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятии дорои тафаккури техникӣ кам мебошанд. Агар муассисаҳои ислоҳии марбута дар кори татбиқи дурустии механизмҳои лозим таҷриба ва имконоти зарурӣ надошта бошанд, ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар сатҳи лозим амалӣ намешавад. Дар давлатҳои тараққикарда барои назорат кардани маҳкумшудагон ва таъмини иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ низомҳои мониторинги электронӣ ва GPS истифода мешаванд. Ба ин воситаҳо маҳкумшудагон бо дастмонаҳои электронӣ, ки ҳангоми ҳаракат дар муҳити муқаррарӣ ё ғайриқонунӣ пайгирӣ мешаванд.

Аз таҳқиқоти муаллиф бармеояд, ки дар давлатҳои пешрафтаи дунё аз ҷумла амсоли Ҳоланд ва Олмон механизми ҷазои маҳдуд кардани озодӣ бо истифода аз дастмонаҳои назоратӣ, ки усули муассир аст ва кумак мекунад то маҳкумшудагон дар муҳити маъмулӣ ё ин ки дар дигар муҳити таҳти назорати электронии мунтазам қарор гиранд, татбиқ мегардад. Ин фановариҳо ва усулҳои технологӣ на танҳо амният ва тартиботи ҷамъиятиро таъмин мекунанд, балки ба маҳкумшудагон имкони беҳтар ба ҳаёти иҷтимоии худ мутобиқшавиро медиҳанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки

ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун як алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ истифода шавад, ки аз як тараф барои сабук кардани фишор дар мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва аз тарафи дигар барои мусоидат кардани реинтегратсияи (бозгардонии) маҳкумшудагон ба ҷомеа мебошад.

Давлатҳои муваффақе чун Амрико, Канада, Норвегия, Шветсия, Ҳоланд ва Олмон дар таъини ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ бо истифода аз дастмонаҳои назоратӣ дар робита бо мониторинг ва пайгирии электронӣ кӯшиш мекунанд, ки маҳкумшудагонро дар муҳити назоратшуда, дар ҳоле ки онҳо ба ҷомеа бармегарданд, нигоҳ доранд. Бо фароҳам овардани гузинаҳои муносибу пурсамар, дар ин кишварҳо ба он мекӯшанд, ки ҳуқуқи инсон ҳифз гардад. Чунин амалкард ҳам барои афроди маҳкумшуда ва ҳам барои аҳли ҷомеа судманду муфид воқеъ мегардад.

Зимни таҳқиқоти худ диссертант ишора намудааст, ки камбудиҳои амалияи судӣ дар таъин ва иҷрои ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ аз норасоии қонунгузорӣ ва техникӣ то мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва кадрӣ метавонанд боиси номукаммалӣ дар истифодаи ин намуди ҷазо ва боиси фаромӯш шудани ҳадафи аслӣ, яъне реинтегратсияи маҳкумшудагон ба ҷомеа шаванд.

Боби чоруми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда»** ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби чорум – **«Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин миён ҷазои корҳои ҳатмиро ба таври махсус метавон ёдовар шуд, зеро бо сабаби нав ворид шуданаш ба қонунгузории ҷиноятӣ аз мушкилиҳои танзимӣ-ҳуқуқӣ орӣ намебошад. Корҳои ҳатмӣ яке аз ҷазоҳои дорои хусусияти инсондӯстӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми ҷазои ҷиноятии бештари кишварҳои дунё мавқеи намоёнро ишғол менамоянд. Мавриди зикр аст, ки паҳлуҳои танзимӣ-ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аммо бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ дар ин замина то кунун корҳои ҷиддӣ ва мушаххаси илмӣ анҷом дода нашудаанд. Чунин вазъ, пеш аз ҳама, ба далели роҳи ҳал наёфтани як қатор мушкилоти мавҷуди дорои хусусияти назарию амалии вобаста ба

иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ шакл гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин таҳқиқоти анҷомшудаи мавриди назар аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ дар фазои илмӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон пурарзиш ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ тазаккур додааст, ки корҳои ҳатмӣ як намуди ҷазои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд. Густариши ҳар чи бештари таҷрибаи истифодаи он ба коҳиш ёфтани теъдоди маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, мусоидат мекунад ва ин дар навбати худ ба рушди низоми ҷазои ҷиноятӣ дар асоси принсипҳое, ки ба стандартҳои байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон мувофиқат мекунанд, равона карда шудааст. Дар бораи паҳлуҳои назариявию амалии ҷазои корҳои ҳатмӣ як қатор олимони хориҷӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом додаанд.

Ба ақидаи муаллифи таҳқиқот, агар ФР бо чунин шароити пешрафта дар иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ омода набошад, барои ҶТ татбиқи он хеле барвақт ба назар мерасад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷазои мазкур бекор карда шавад. Баръакс, бояд раванди иҷрои он такмил дода шуда, механизими танзими ҳуқуқӣ ва иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ бояд ҷорӣ карда шавад. Чунин мушоҳида мегардад, ки шартҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, таҳияи минбаъдаи заминаи меъёрӣ, ки тартиби татбиқи кори ҳатмиро танзим мекунад, дар бар мегирад.

Тибқи назари муаллифи рисола, қонунгузорӣ намуди кор ва шакли иншоотро дақиқан муқаррар накардааст ва судҳо низ инро муайян накарда, ба зиммаи мақомоти маҳаллӣ вогузор менамоянд. Дар ин ҷо бояд аввалан, намуди корҳое, ки барои адои корҳои ҳатмӣ мувофиқ мебошанд ва баъдан намудҳои иншоот (давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ) муқаррар карда шаванд. Бинобар ин, ба м. 29.1 КИҶҶ ҶТ зарурати ворид намудани иловаҳо ба миён омадааст, зеро ба туфайли он тартиби беҳтару муассиртарро барои мушаххас кардани навъи кор ва объектҳое, ки дар намуди ҷазои ҷиноятӣ таъин кардани онҳо имконпазир аст, амалӣ мегардад.

Муаллифи таҳқиқот ҷонибдори ташкили сохтори нав оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мебошад. Ба андешаи муаллиф, иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳалли истиқоматӣ сохтор ва ё шахси масъулро тақозо менамояд. Инро ба инобат гирифта, пешниҳод мешавад, ки дар ноҳияҳо (шаҳрҳо) ба нафъи кор хоҳад буд агар шуъбаи махсуси нозир бар раванди иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ бо ҳузури намояндаи

он дар ҳайати сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот созмон дода шавад.

Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки ба зарурати кор карда баромадан ва танзим намудани механизми ҳамкории нозиротҳо ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷойи шубҳа нест. Вогузоштани масъалаи таъини объектҳои мушаххас ба уҳдаи марказҳои шуғли аҳолӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро иҷрои корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди чунин объектҳо дар назар гирифта шудааст. Зери мафҳуми объект ба сифати корхона, муассиса, ташкилот ё созмони муайяне дар назар аст, ки қарор аст корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди онҳо тавассути шахси маҳкумшуда ба ҷо оварда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз олимон, махсусан олимони ватанӣ объектҳои ташкилотҳои давлатиро ҷонибдорӣ кардаанд. Воқеан, ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Аммо баъзе масъалаҳои дигарро низ бояд ба инобат гирифт, ки дар маҳалҳо объектҳои ташкилотҳои давлатӣ нисбатан кам ба назар мерасанд. Аз ҷумла ободонӣ, дарахтшинонӣ, рӯфтани роҳҳо ва ғайраро дар маҳалҳо иҷро кардан қариб ғайриимкон мебошад, зеро ҳар як гӯшаи маҳал қариб ба нафаре вобаста шудааст, ба истиснои мактаб ва бунгоҳи тиббӣ. Бо ин назардошт иҷрои корҳои ҳатмӣ дар объектҳои ташкилотҳои давлатии маҳалҳо нисбатан душвор ба назар мерасад.

Рисоланавис қайд намудааст, ки агар ба таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон дар робита ба истифодаи корҳои ҳатмӣ шинос гардем, маълум мегардад, ки шахсони маҳкумшудае, ки ба истилоҳ "хизмати бемузди ҷамъиятӣ" ироа менамоянд, дар кори ободонии маҳаллу манзилҳои истиқоматӣ, мактаб, беморхонаҳо саҳми назаррас мегузоранд. Аъзои ҷомеа мушоҳида ва дарк мекунанд, ки шахсони маҳкумшуда ҳамзамон бо иҷрои корҳои ройгони ҷамъиятӣ, ҳамчунин дар ҳоли ислоҳу тағйир қарор доранд. Барои шахси маҳкумшуда низ аз назари руҳиву ахлоқӣ бисёр муҳим аст, ки расонидани саҳм ва фоидаи шахсии худро дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ободонӣ дарку эҳсос намояд.

Ба назари муҳаққиқ, яке аз масъалаҳои муҳим оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахс ҳангоми адои корҳои ҳатмӣ вориди муносибатҳои меҳнатӣ мегардад ва бисёре аз паҳлуҳои муносибат ва фаъолияти ӯ бояд тибқи қонунгузории меҳнатӣ танзим карда шавад.

Таҳқиқбаранда изҳори назар кардааст, ки ба роҳ мондани кори марбут ба ташкилу роҳандозии иҷрои корҳои ҳатмӣ, асосан, ҷузъи фаъолият ва вазоифи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва нозироти корҳои ислоҳӣ мебошад. Доштани робитаи зич, таъини саривақтӣ ва дурусту мушаххаси феҳристи корҳое, ки бояд анҷом дода шаванд (тозаву озода нигоҳ доштан  ва ба тартиб овардани ҳудудҳои муайян, шинонидани ниҳол, ҷамъоварии ҳосил, тоза намудани партовҳо, қубурҳо ва ғайра), аз вазифаҳои муҳимми мақомоти мазкур дар ҳама минтақа ба ҳисоб мераванд.

Ба ақидаи муаллифи рисола, дар низоми адолати муосир, ба вижа дар амри таъмини иҷрои ҷазоҳое, ки ҷазоҳои ғайризиндонӣ маҳсуб мешаванд, ҷустуҷуйи роҳу василаҳои самарабахш ва ҳамзамон дорои таъсири ислоҳкунандаи воқеӣ аҳаммияти торафт афзоянда касб мекунад. Дар зимн, иҷрои корҳои ҳатмӣ ҳамчун як намуди ҷазо, ки бо ҷудо сохтани шахс аз ҷомеа алоқаманд нест, аз нигоҳи ҳуқуқшиносии муосир ба навсозӣ ва такмил ниёз дорад. Яке аз чунин навгониҳо, ки он дар доираи ин таҳқиқот бори нахуст аз сӯйи муаллифи  таҳқиқоти мазкур матраҳ мегардад, “низоми табдил ё конвертатсияи соатҳо” шуморида мешавад.

Қонунгузории амалкунанда иҷрои корҳои ҳатмиро, асосан, аз лиҳози миқдорӣ яъне шумораи соатҳои адошуда арзёбӣ менамояд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки чунин усули баҳогузорӣ наметавонад пурра ифодакунандаи сатҳи воқеии ислоҳи шахсони маҳкумшуда бошад. Зеро ду нафари маҳкумшуда бо шумораи баробари кор метавонанд рафтору муносибати гуногун дошта бошанд. Аз ин рӯ зарурати ворид кардани унсури сифативу рафторӣ ба низоми баҳогузории иҷрои корҳои ҳатмӣ пеш меояд. Ин унсур бояд на танҳо рафтор, балки омодагии маънавию иҷтимоии шахсро низ инъикос намояд.

Низоми мазкур пешниҳоди таҳқиқоти илмӣ буда, тибқи он ҳар як соати иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ аз рӯйи меъёрҳои махсуси ахлоқӣ интизомӣ ва иҷтимоӣ баҳогузорӣ мешавад. Яъне бар асоси муҳосибаи баробар (1 соат = 1 соат) механизме пешниҳод мегардад, ки ҳар як соат бо назардошти сифати иҷрои ҷазо “вазн” ва “арзиш”-и инфиродӣ ба худ касб намуда, бо коэффитсентҳои махсус ҳисоб карда мешавад.

Афзалиятҳои амалии низом: аввалан, афзалиятҳои мавҷуди амалии низом заминаи чунин имконро фароҳам меоранд, ки шахсони маҳкумшуда на танҳо ба адои формаливу механикии ҷазо, балки ба

ислоҳи воқеъӣ ҳавасманд гарданд. Сонияи, ба туфайли вуҷуд ва корбаст шудани афзалиятҳои амалии низоми мавриди назар мақомоти масъули таъмини иҷрои назорат метавонанд дар асоси ин низом ба таври дурусту асоснок дар бораи шартан кам кардани муҳлати иҷрои ҷазо ё иваз кардани ҷазои таъиншуда тасмим бигиранд.

Зербоби дуюми боби чорум – **«Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, аз се қисм иборат мебошад.

Қисми якуми зербоби дуюм – **«Масъалаҳои ташкилии ҳуқуқии раванди иҷрои корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар низоми ҷазоҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии кишвар яке аз ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, корҳои ислоҳӣ ба ҳисоб меравад ва тавре таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, он дар амал мутаносибан дар қиёс бо дигар ҷазоҳо бештар мавриди истифода қарор мегирад. Омӯзиши масъалаҳои назариявию амалии иҷрои ҷазои мазкур дар такмили қонунгузории кишвар ва дарёфти чораи ҳал барои баъзе аз мушкилоти мавҷуда дар ин самт мусоидат менамояд.

Муаллифи таҳқиқоти илмӣ зикр намудааст, ки раванди ислоҳоти низоми ҷазо дар кишвар ҳанӯз пурра такмил нашудааст ва дар ин самт яке аз ҳадафҳои муҳимми он тақвияти мубориза алайҳи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аснои сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир шудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна мебошад. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо, пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазое, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст ва ба ҷудо нигоҳ доштан аз ҷамъият вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо зоҳир мегардад. Мавриди зикр аст, ки корҳои ислоҳӣ таърихан дар қонунгузории кишвар муқаррар шуда буданд.

Ба ақидаи муҳаққиқ, корҳои ислоҳӣ ба сифати яке аз намудҳои муҳимму умдаи ҷазои ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба кор гирифта мешаванд, дар тамоми давлатҳо-узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ), ба истисноӣ Ҷумҳурии Молдова, бар хилофи корҳои ҳатмӣ пешбинӣ шудаанд. Аммо корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории бархе аз кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна,

мушаххасан Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон) аз лиҳози ҳуқуқиву қонунӣ ба танзим дароварда нашудаанд. Вале дар тафовут аз кишварҳои ёдшуда ва хеле аз кишварҳои дигар бояд гуфт, ки корҳои ислоҳӣ ё ба сурати ҷазои асосӣ ва ё чун ҷазои иловагӣ дар ҷумҳурии Белорус аз сӯйи судҳо ба кор гирифта мешавад.

Аз таҳқиқоти муаллиф бармеояд, ки меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо қонунгузории меҳнатӣ оид ба масъалаи рухсатӣ ба ҳамдигар мухолифат менамоянд дар ҳоле ки санади ягонаи кодификатсионӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ва рухсатии меҳнатӣ ин КМ ҶТ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, муқаррароти м. 40-и КИҶҶ ҶТ дар бораи ҳисоб кардани давомнокии рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда ба муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ бояд мувофиқ карда шавад. Ба ин далел муқаррароти м. 40-и КИҶҶ ҶТ дар бораи ба ҳисоб гирифтани муҳлати рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда бояд ба муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ мутобиқ гардонида шавад. Аз нигоҳи ӯ, дар қонунгузории меҳнатӣ бояд меъёри иловагӣ оид ба ҳолатҳои истисноие, ки дар қонунгузории ҶТ омадаанд, ворид карда шавад.

Таҳқиқбаранда иброз медорад, ки мамнуияту уҳдадориҳо танҳо дар ҳоле ба миён омада метавонанд, ки рафтори маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо тағйир ёбад на то таъин шудан. Аз ин рӯ, дар сурати риояи қонунӣ рафтори маҳкумшуда ба зиммаи ӯ ҳеҷ гуна вазифа ё манъкунӣ гузошта намешавад. Бинобар ин онҳо ба мазмуни сазои ҷазо дахл надоранд. Аз андешаҳои таҳлилшуда бармеояд, ки номгӯйи мамнуиятҳо ва уҳдадориҳо нисбати маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инъикос наёфтаанд, дар сурате, ки тамоми шароити иҷрои ҷазои мазкур маҳз дар асоси қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин назардошт ба андешаи ӯ, дар Кодекси иҷрои ҷазо дар доираи як модда бояд номгӯйи мамнуият ва уҳдадориҳои асосии татбиқшаванда нисбат ба маҳкумшуда муқаррар карда шавад.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар шароити кӯҳистони кишвар мушкилоти таъмини маҳкумшуда бо ҷойи кор дар маҳалли истиқомат ва назорати ӯ хароҷот ва шумораи муайяни кормандонро талаб менамояд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ҳатто маҳалҳое мавҷуданд, ки ба он ҷойҳо рафту омад кардан душвор мебошад. Бинобар ин, чунин ҳолатҳо кори нозироти корҳои ислоҳиро басо душвор гардонида, аз онҳо хароҷоти зиёдатӣ тақозо менамояд. Бо ин назардошт масъалаи

кадрии нозироти корҳои ислоҳӣ ва сарчашмаи хароҷоти нозирот дар раванди назорати маҳкумшуда дар маҳалли истиқоматӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои ӯ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва муқаррар карда шавад.

Тибқи назари диссертант, бо назардошти зарурати омӯзиши шахсияти маҳкумшуда ва таҳияи тадбирҳои самарабахши тарбиявӣ, ки ҳадаф аз он ислоҳи шахси маҳкумшуда мебошад, дар маҳаллу маконҳои адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ марказҳои равоншиносӣ амал мекунанд. Новобаста ба он барои омӯзиши маҳкумшудагони ҷазои корҳои ислоҳӣ равоншиносон ҷалб карда намешаванд.

Таҳқиқоти рисоланавис нишон медиҳад, ки айни замон дар кишвар ислоҳоти низоми ҷазо идома дорад. Тақвияти мубориза алайҳи содиршавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин дар ҳолатҳои сабуксозии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна аз авлавиятҳои ин раванд эълом шудаанд. Сиёсати давомдор оид ба гуманизатсия, ташаккули муносибати сифатӣ ба дарки моҳияти ҷазои ҷиноятӣ, сабук кардани сиёсати ҷазо, пеш аз ҳама, дар афзоиши намудҳои ҷазое, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст ва бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нестанд, васеъ намудани доираи асосҳои татбиқи онҳо, такмил додани танзими иҷрои онҳо зоҳир мегардад. Анҷоми ислоҳоти қонунгузории ду даҳсолаи ахир дар заминаи низоми ҷазо ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ корбурд ва истифодаи густардаи ҷазоҳои алтернативиро дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ муҳим ва актуалӣ сохтааст.

Ба ақидаи таҳқиқбаранда, асоси моҳияти корҳои ислоҳӣ ислоҳ ва тарбияи маҳкумшуда мебошад сарфи назар аз он ки дар шакли иҷрои корҳои меҳнатӣ, таълимӣ ё тарбиявӣ амалӣ карда мешаванд. Аммо кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ ҳарчанд таҳсилоти ҳуқуқӣ дошта бошанд ҳам аммо аз донишҳои педагогию психологӣ бархӯрдор нестанд. Бинобар ин, дар муносибат бо маҳкумшудаҳо нақши педагог ва равоншинос хеле калон мебошад. Бо ин назардошт беҳтар мебуд, ки дар нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба иҷрои корҳои ислоҳӣ воҳиди ҷудогонаи кории педагог-равоншинос ташкил карда шавад.

Қисми дуюми зербоби дуюм – **«Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки корҳои ислоҳӣ мутобиқи шарту шароити муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар иҷро карда мешаванд. Дар раванди фаҳмонидадиҳии шартҳои иҷрои

корҳои ислоҳӣ ва бечунучаро риоя намудани онҳо ва ҳамчунин масъалаҳои марбут ба саркашии маҳкумшудагон аз иҷрои онҳо ниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ масъул мебошад.

Муаллиф иброз доштааст, ки шартҳои умумӣ уҳдадориҳои зерини афроди маҳкумшударо дар бар мегиранд: риояи тартиби муайяншудаи адои ҷазо; муносибати софдилона ба иҷрои кор. Шартҳои махсуси иҷрои корҳои ислоҳӣ ба сурати зер аст: аз даромади шахси маҳкумшуда ситонидани маблағи муайян; набудани имкони озод сохтани фарди маҳкумшуда бо хоҳиши худи ӯ. Аз нигоҳи муаллиф, хусусияти муштараки шартҳои адои ҷазо ин хусусияти ҳатмии онҳо мебошад. Ба эътиқоди муаллиф, дар таснифоти ироашуда хусусиятҳои шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ ба таври комил ба инобат гирифта нашудаанд.

Таҳқиқбаранда ёдовар мешавад, ки шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, вазифадоранд, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро риоя кунанд, дар сурати даъват сари вақт ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир шаванд. Маблағе, ки аз ҳаққи кори шахси маҳкумшуда ситонида мешавад, бояд мутобиқ ба андозае бошад, ки суд муайян менамояд. Дар муддати замони иҷрои корҳои ислоҳӣ фарди ба иҷрои чунин корҳо маҳкумшуда ҳақ надорад мустақилона бе иҷозати хаттии мақомоти нозироти корҳои ислоҳӣ маҳалли иҷрои корро тарк намояд. Танҳо дар сурати асоснок будани далелҳо шахси маҳкумшуда метавонад аз кор иҷозати озод шуданро пайдо намояд. Посухи рад гирифтани рухсатнома бояд асоси ҳуқуқӣ дошта бошад. Аз болои қарор дар бораи рад шудани дархост метавон аз рӯйи тартиби тибқи қонун муқарраршуда ба суд шикоят бурд. Фарди маҳкумшуда аз рӯйи қонун ҳақ надорад аз коре, ки бояд иҷро кунад, саркашӣ кунад. Фарди ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда бояд на дертар аз 10 рӯзи корӣ ба мақомоти масъули таъмини иҷрои ҷазои ҷиноятии нозироти иҷрои ҷазо дар бораи иваз шудани маҳалли кор ва макони сукунати худ иттилоъ диҳад. Шахси маҳкумшуда тайи давраи иҷрои корҳои ислоҳӣ дар ҳудуди ташкилоте, ки ба иҷрои корҳои ислоҳӣ машғул аст, ҳақ дорад ба муддати 18 рӯзи корӣ аз рухсатии ҳарсолаи музднок истифода кунад. Шахсони маҳкумшуда метавонанд аз дигар навъҳои рухсатӣ, ки қонунгузории меҳнатӣ пешбинӣ намудааст, истифода кунанд.

Мутобиқи назари таҳқиқбаранда, дар шароити сиёсию ҳуқуқии кунунӣ, ки давлати мо сиёсати декриминализатсияи баъзе кирдорҳои ҷиноятии дорои хавфи ҷиддии ҷамъиятӣ надоштаро

амалӣ мегардонад, ҷавобгарӣ барои қасдан саркашӣ кардан аз адои ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест, яъне ҷиноят донистани онҳо номуносиб мебошад. Дар марҳалаи кунунӣ аз нуқтаи назари амалисозии принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар робита ба фардикунонии иҷрои ҷазо, бакоргирии дурусту муассири чораҳои иҷборӣ ва роҳу василаҳои ислоҳу бозсозии шахсони маҳкумшуда ва муқаррароти диспозитивӣ доир ба иваз кардани корҳои ислоҳӣ ба ҷазои намуди сахттар ҷавобгӯйи матлаб аст. Ҳамзамон бояд ёддовар шуд, ки миёни қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ихтилофи назариявӣ вуҷуд дорад ва даровардани тағйирот ба КҶ ва ё КИҶҶ боиси аз байн рафтани ин ихтилоф мегардад. Барои вайрон кардани мамнуиятҳо ва уҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаи нозироти корҳои ислоҳӣ аз тарафи шахсоне, ки ҳам ба корҳои ислоҳӣ ва ҳам ба корҳои ҳатмӣ маҳкум шудаанд, муқаррар намудани ҷавобгарии интизомӣ ё маъмурӣ дуруст маҳсуб мешавад.

Қисми сеюми зербоби дуюм – **«Масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки аз номи ҷазо бармеояд, ки асоси иҷрои корҳои ислоҳиро ин раванди ислоҳ намудани маҳкумшуда ташкил медиҳад. Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ на танҳо бо сазодиҳӣ, балки бо таъсири ислоҳӣ низ алоқаманд мебошад. Ҷиҳати ислоҳи маҳкумшуда қонунгузории иҷрои ҷазо меъёрҳои дахлдор муқаррар кардааст, ки воситаҳои самарабахши ислоҳиро пешбинӣ мекунанд. Аз ҷумла дар м. 14 КИҶҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки "ислоҳи маҳкумшудагон ин дар онҳо ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба одам, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ мебошад".

Ба ақидаи рисоланавис, қонунгузории феълии ҶТ дорои нуқсу камбудиҳое мебошад ва вуҷуди онҳо ба раванди кофтукоб ва боздошти афроде, ки аз назорати муассисаҳои ислоҳӣ хориҷанд, таъсири худро мерасонад. Ба ин масъалаҳо шомиланд: ҳангоми боздошти маҳкумшудагоне, ки аз назорати муассисаи ислоҳӣ саркашӣ мекунанд, ҳангоми нигоҳ доштани онҳо то 48 соат пеш аз баррасии масъалаи иваз кардани ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ мушкилот ба миён меояд; ҳолатҳои истифода шудани силоҳ аснои ҷустуҷӯ ва боздошти шахсони маҳкумшуда, равишҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон мушаххас

нест; бо кайфияти боло ва бетаъхир амалисозии чорабиниҳои ибтидоии тафтишотӣ, дуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳоро бо мақсади роҳ надодан ба баргардонидани онҳо ба мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои аз нав дида баромадан таъмин намояд; ба кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои беасос фиристодани маводҳо барои оғоз намудани парвандаҳои ҷустуҷӯӣ нисбати маҳкумшудагон роҳ надиҳад; васеъ намудани таҷрибаи гузаронидани вохӯриҳои корӣ бо дигар хизматрасониҳои манфиатдор ҷиҳати ташаккули механизми ҳамкорӣ дар ин самт; ба вайронкунии қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии идоравие, ки ташкили ин соҳаи корро танзим мекунанд, роҳ надиҳанд.

Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоми бартариҳои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ, камбудии назаррасе мавҷуд аст, ки онро қонунгузор пешбинӣ накардааст, аз ҷумла бо кор таъмин намудани маҳкумшуда баъди баровардан ва эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд. Қонун муқаррар кардааст, ки маҳкумшуда бояд дар маҳалли истиқоматии худ ҷазоро адо намояд, ки ин на ҳамеша имкони воқеии татбиқи ин муқарраротро фароҳам меорад, зеро на дар ҳамаи минтақаҳои кишвар корхона ва муассисаҳое амал мекунанд, ки шахсони маҳкумшударо бо кор таъмин созанд.

Зимни таҳқиқоти худ диссертант ишора менамояд, ки яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар самти иҷрои корҳои ислоҳӣ таъмини маҳкумшуда бо ҷойи кор мебошад. Мушкилоти асосии масъалаи мавриди назар дар он ифода меёбад, ки шахси маҳкумшуда бояд корҳои ислоҳиро дар маҳалли сукунати худ иҷро намояд. Ин дар ҳолест, ки маҳалли иҷрои корҳои ислоҳиро суд муайян намесозад ва онро ба уҳдаи мақомоти нозироти корҳои ислоҳӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мегузорад. Ҳамзамон иҷрои кори муқаррарнамудаи нозироти корҳои ислоҳӣ барои маҳкумшуда ҳатмӣ ба ҳисоб меравад дар сурате, ки мақсади корҳои ислоҳӣ ислоҳ намудани маҳкумшуда буда, онҳо аз корҳои ҳатмӣ фарқ мекунанд. Дар маҳалҳои истиқоматӣ, махсусан дар деҳот таъмини маҳкумшуда бо ҷойи кор хеле душвор мебошад. Ғайр аз ин, намуди корҳое, ки маҳкумшуда ба он бояд ҷалб карда шавад, дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудааст. Дар ин самт бояд маҳдудиятҳо бошанд, ки маҳкумшуда ба кадом навъи корҳо ҷалб карда мешавад ва ё баръакс, ҷалб карда намешавад. Масалан, дар деҳот аксаран омӯзгор

намерасад. Оё маҳкумшударо ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб кардан мумкин аст? Бо ин назардошт беҳтар мебуд, ки механизми муайян кардани ҷойи кор нисбати маҳкумшуда, доираи фаъолиятҳое, ки барои маҳкумшуда ҷиҳати адои корҳои ислоҳӣ манъ мебошанд, таҷдиди назар карда шуда, дар қонунгузорӣ муқаррар гарданд.

Аз таҳлилҳои муҳаққиқ бармеояд, ки асоси корҳои ислоҳӣ ин ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ мебошад, ки дар ин раванд нақши донишҳои педагогию психологӣ хеле калон арзёбӣ мегардад, зеро кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ пеш аз ба кор бурдани чораҳои тарбиявӣ бояд шахсияти маҳкумшударо омӯзанд, дараҷаи вайроншавии иҷтимоию ахлоқии ӯро муайян кунанд. Ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ ба шахсияти маҳкумшуда ва хусусиятҳои фардию психологии ӯ вобастагии калон дорад. Бинобар ин қабл аз роҳандозӣ намудани корҳои тарбиявӣ нозироти корҳои ислоҳиро зарур аст, ки шахсияти маҳкумшударо ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Боби панҷуми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда»** ном гирифта, дар он масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд, проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зербоби якум ба масъалаи **«Иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»** бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқи ин масъала муҳаққиқ ёдовар шудааст, ки яке аз ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ маҳсуб мешавад. Ҷазои мазкур нисбати хизматчиёни ҳарбӣ таъин карда мешавад. Ҷараёни иҷрои ҷазои мазкур дорои хусусиятҳои худ мебошад. Мавриди зикр аст, ки оид ба хусусиятҳои иҷрои ҷазои мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд.

Ба андешаи муҳаққиқ, танҳо нигоҳ доштани фоизи муайяни музди меҳнат шабеҳ будани чунин ҷазоҳоро ифода намекунад. Ин ҷазоҳо вобаста ба меъёрҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Диссертант иброз намудааст, ки қонунгузории ҶТ оид ба иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ субъектони дахлдорро ба таври васеъ муқаррар кардааст, ки олимони хориҷӣ онро ҳамчун таҷриба ҷиҳати истифода дар қонунгузории худ қобили қабул донистаанд. Бинобар ин, бо бовар метавон гуфт, ки дар аксари масъалаҳо мо такя ба омӯзиши таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ

менамоем, вале дар масъалаи баррасишаванда олимони хориҷӣ такя ба қонунгузории мо намудаанд, ки ин рушди қонунгузории кишварро дар ин самт нишон медиҳад.

Муаллифи таҳқиқот иброз намудааст, ки ҷазои ҷиноятии номбурда бо амали ислоҳӣ алоқаманд аст, зеро иҷрои он бо истифодаи чунин воситаҳои ислоҳӣ, ба мисли меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, корҳои тарбиявӣ ва таълими ҳарбӣ аз рӯйи барномаҳои махсус сурат мегирад. Аммо дар қонунгузорӣ таълими ҳарбӣ ва омодагии ҳарбӣ ҳамчун воситаи ислоҳӣ муқаррар карда нашудааст. Ҳамзамон дар қонунгузорӣ истифодаи воситаҳои тарбиявӣ нисбати маҳкумшудагони ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ муқаррар карда нашудааст, бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар м. 14 КИҶҶ ҶТ таълими ҳарбӣ ҳамчун воситаи ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар карда шавад. Инчунин дар боби 16 як моддаи дигар ба масъалаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбати шахсони маҳкумшуда ба ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шавад. Ҳамчунин дар моддаи мазкур бояд истифодаи чораҳои тарбиявӣ, номгӯйи иқдомоти дахлдор ва субъектҳои босалоҳияти татбиқкунанда бояд мушаххас ва муқаррар карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки иҷрои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ равандест, ки дар он якчанд механизмҳои ҳамоҳангшуда ва муассир истифода мешаванд то мақсадҳои ҷазо – таъмини интизом, тарбия ва ислоҳи хизматчиёни ҳарбӣ ба таври дуруст амалӣ шаванд.

Якум, механизми муҳимми иҷро – назорати қатъӣ ва мунтазами раванди иҷрои ҷазо аз ҷониби мақомоти дахлдор мебошад. Пас аз таъини ҳукми судӣ, маъмуриятҳои ҳарбӣ вазифадоранд, ки ҷазоро сари вақт ва бо усули дуруст амалӣ кунанд. Ин назорат кафолат медиҳад, ки ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми татбиқи ҷазо ҳифз шаванд.

Дуюм, муҳити хизмати ҳарбӣ бояд барои татбиқи маҳдудиятҳо омода бошад. Хизматчиён бояд бо маҳдудиятҳои таъиншуда, масалан, маҳдудияти ҳаракат, ширкат дар баъзе фаъолиятҳо ё дигар маҳдудиятҳои муайяншуда рӯбарӯ шаванд ва ин маҳдудиятҳо мунтазам назорат карда шаванд. Барои ин мақсад зарур аст низоми дохилии идоракунии кадрҳои ҳарбӣ ва мониторинг истифода бурда шавад.

Сеюм, муошират ва дастгирии тарбиявӣ дар раванди иҷрои ҷазо нақши муҳим доранд. Иҷрои ҷазо на танҳо маҳдуд кардани хизматчӣ аст, балки бояд бо чораҳои тарбиявӣ ва равонӣ ҳамроҳ

бошад то хизматчӣ барои ислоҳ омода гардад ва рафтори худро беҳтар созад.

Чорум, дар замони муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои назорати иҷрои ҷазо муҳим аст. Барномаҳои махсус барои мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ ёрӣ мерасонанд, ки ҳолати хизматчиён ва риояи маҳдудиятҳо пайгирӣ шавад ва иттилои зарурӣ ба масъулон саривақт расонида шавад.

Панҷум, омӯзиши мунтазами кормандони масъул барои назорат ва идоракунии маҳкумшудагон муҳим аст. Таҷриба ва малакаи афсарони масъул кафолат медиҳад, ки ҷазоҳо бо шаффофият ва самаранокӣ иҷро шаванд ва ҳуқуқи хизматчиён ҳифз гардад.

Дар маҷмуъ, механизми муосири иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ низоми ҳамоҳанг ва мукаммал аст, ки назорат, муҳити хизмати ҳарбӣ, дастгирии тарбиявӣ, истифодаи технология ва омӯзиши кадрҳоро дар бар мегирад. Ин механизми муттаҳид кафолат медиҳад, ки ҷазо самаранок ва бо мақсади тарбия ва таъмини интизом иҷро шавад.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар муқоиса бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ пешсаф буда, дорои хусусиятҳои муҳиммест, ки онро аз дигар қонунгузории хориҷӣ мутамойиз месозад. Қонунгузории Тоҷикистон дар ин соҳа, асосан, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва кафолати иҷрои адолат дар доираи хизмати ҳарбӣ нигаронида шудаанд. Ин қонунгузорӣ ҳамзамон бо меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мувофиқат дошта, барои таъмини шаффофият ва эътимоднокии равандҳои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Дар муқоиса бо қонунгузории баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки метавонанд талаботи сахттар ва маҳдудкунандаи бештар дошта бошанд, қонунгузории Тоҷикистон ба шаҳрвандон имконоти бештар барои ҳифзи ҳуқуқи худ ва интихоби озодона медиҳад. Ин пешсафӣ ва ҳамоҳангии қонунгузорӣ бо стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор дошта бошад, таҷрибаи хуби ҳуқуқиро пешниҳод намояд. Аз ин рӯ қонунгузории Тоҷикистон дар танзими ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ намунаи муътадил ва пешрафта мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таҳкими давлатдорӣ дар кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Барои боз ҳам беҳтар кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, чанд тавсияҳои муҳимро метавон пешкаш кард:

Аввал, зарур аст ки таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва меъёрҳои байналмилалӣ бо диққати бештар омӯхта ва аз онҳо ҷанбаҳои мусбат гирифта шаванд. Ин метавонад барои такмили меъёрҳо ва ворид кардани қоидаҳои нав дар қонунгузорӣ мусоидат кунад, ки ба беҳтар ҳифз шудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва самаранокии идораи низоми ҳарбӣ ёрӣ расонад.

Дуюм, бояд равандҳои назорат ва мониторинг дар самти иҷрои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ таҳким дода шаванд, то шаффофият ва адолат дар татбиқи он таъмин гардад ва аз ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ пешгирӣ шавад.

Сеюм, ба омӯзиши мунтазами афсарону масъулон аҳаммияти бештар дода шавад то онҳо бо меъёрҳои нав ва ҳуқуқҳои инсон хуб ошно шаванд ва тавонанд бо сатҳи баланди масъулият ва эҳтиром ба ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ муносибат намоянд.

Ҳамзамон тавсия дода мешавад, ки қонунгузорӣ бештар ба назария ва таҷрибаи тиббӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ такя кунад то ҷазоҳо на танҳо аз ҷиҳати қонунӣ, балки аз ҷиҳати таъсири иҷтимоӣ ва равонӣ ҳам оқилона ва таъсирбахш бошанд.

Дар маҷмуъ, таваҷҷуҳ ба ин ҷанбаҳо метавонад қонунгузории Тоҷикистонро дар самти танзими ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ тақвият бахшида, ҳамзамон ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва ҳам ба самаранокии идораи низоми ҳарбӣ мусоидат намояд.

Зербоби дуюм ба масъалаҳои марбут ба **«Ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»** ихтисос дорад ва он аз ду қисм иборат мебошад.

Қисми якуми зербоби дуюм ба масъалаи **«Мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд»,** бахшида шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур муҳаққиқ иброз доштааст, ки маҳдуд кардани озодӣ яке аз ҷазоҳои ҷиноятие мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста набуда, дар ислоҳ ва азнавтарбиякунии маҳкумшудагон таъсири хуб мерасонад. Бинобар ин омӯзишу таҳқиқи ин масъала дар илми ҳуқуқшиносии давлат аз аҳаммияти махсус бархӯрдор аст.

Ба ақидаи муҳаққиқ, асоси мақоми ҳуқуқии шахсро ҳуқуқ, озодӣ ва ӯҳдадориҳои ӯ ташкил медиҳанд, ки дар қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд.

Зимни таҳқиқот муаллиф чунин натиҷагирӣ кардааст, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ ба сурати лозим ва дақиқу мушаххас ироа нашудааст. Дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳам ба ин нукта ишора намешавад.

Таҳқиқбаранда чунин натиҷагирӣ кардааст, ки фаъолияти назоратӣ васеъ буда, баъзан онро аз ҷониби як сохтор ва шахси муайян анҷом додан имконнопазир аст, зеро бо таваҷҷуҳ ба маҳалҳо ва минтақаҳои дурдаст назорати маҳкумшуда дар маҳалли истиқомат душвориҳоро пеш меоварад. Лозим ба қайд аст, ки фаъолияти умумии назорат ва контрол бо истифода аз воситаҳои электронии назорат ва контроли маҳкумшудагон амалӣ карда мешавад. Аммо истифодаи воситаҳои электронии нисбатан маҳдудкунундаи озодии шахс дар қонунгузории кишвар муқаррар карда нашудааст. Дар ин хусус ба назари муаллиф мавқеи ишғолнамудаи Тоҷикистон дуруст мебошад, зеро баъзе аз воситаҳои электроние дар кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд (аз ҷумла, дастмонаҳои электронӣ), ки онҳо доираи озодиҳои шахсро аз меъёр зиёд маҳдуд менамоянд. Ҳарчанд онҳо сифати назоратро беҳтар намоянд ҳам, вале аз як тараф хароҷоти зиёдатӣ ва аз тарафи дигар ба принсипҳои ҳуқуқи инсон мухолифат менамоянд.

Қисми дуюми зербоби дуюм – **«Проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки имрӯз гуманизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ дар саросари кишварҳо ба як тамоюли байналмилалӣ мубаддал гардидааст. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар тамоми кишварҳо мавриди истифода қарор доранд ва Тоҷикистон низ дар ин самт истисно нест.

Ба ақидаи муҳаққиқ, кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ бояд рафтори маҳкумшудагонро на фақат ҳангоми рафтан ба ҷойҳои баргузории чорабиниҳои оммавӣ, балки ҳангоми ҳузур ёфтани онҳо дар марказҳои кӯдакон, мактабҳо, беморхонаҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ назорат кунанд, ки ин аз нигоҳи ӯ ҷавобгӯ бо хусусияти ҳуқуқии намуди ҷазо ва эҳтиёҷоти иҷрои он намебошад. Гузашта аз ин, дар аксари маврид он аз сабаби ҳаҷми калон ва ғайриимкон будани объективии андешидани чораҳои беасос иҷронашуда боқӣ мемонад, зеро амалан имкони ба ҳар як маҳкумшуда таъин намудани корманди нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба назорати риояи рафтори ӯ ба меъёрҳои муқарраршуда мавҷуд нест. Бояд илова намуд, ки

маҳкумшудае, ки дар ҷойи ҷамъиятӣ қарор дорад, метавонад ба осонӣ онро тарк карда, аз кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ пинҳон шавад, дар ин ҳолат ошкор кардани далели вайрон кардани ин манъкунӣ танҳо ҳангоми мулоқоти бевоситаи корманди нозироти корҳои ислоҳӣ бо маҳкумшуда имкон дорад.

Диссертант иброз доштааст, ки дар номгӯйи уҳдадориҳое, ки нисбати маҳкумшуда татбиқ мегарданд, уҳдадориҳои зерин илова карда шаванд: «Бояд дар давоми моҳ як бор дар комиссияи назорати ҷамъиятӣ барои анҷом гирифтани суҳбатҳои тарбиявӣ ҳозир шавад; моҳе ду бор барои дарёфти машварат ба ҳузури равоншинос бирасад».

Аз таҳқиқот бармеояд, ки яке аз самтҳои муҳим дар такмили механизми маҳдуд кардани озодӣ ин ҷорӣ кардани гузориши рақамӣ мебошад. Он метавонад ба воситаи барномаи мобилӣ ҳафтае як ё якчанд маротиба пешниҳод шавад ва дар он шахс маълумоти заруриро дар бораи фаъолияти рӯзмарра, ҷойи кор ва дигар ҳолатҳо пешниҳод намояд. Бо ин роҳ мақомоти назоратӣ на танҳо риояти маҳдудиятҳоро мушоҳида мекунанд, балки вазъи иҷтимоии маҳкумшударо низ зери назорат қарор медиҳанд. Лозим ба зикр аст, ки дар баробари ин ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти маҳаллӣ низ метавонад ба беҳтар ва пурсамар шудани раванди назорат мусоидат намояд. Агар ҷомеа ва ниҳодҳои иҷтимоӣ дар ин раванд ширкат кунанд, маҳкумшуда на танҳо таҳти назорат қарор мегирад, балки дастгирӣ низ мешавад ва ин дар навбати худ ба мутобиқшавии ҷомеа ва ҳамзамон коҳиш додани такрори ҷиноят таъсири мусбат мерасонад.

Таҳқиқбаранда қайд намудааст, ки модели омехтаи назорат ҳам метавонад яке аз роҳҳои муфид дар ин самт бошад. Бар асоси ин модел раванди назорати электронӣ бо барномаҳои таълимӣ, машваратҳои равоншиносӣ ва барномаҳои дигари иҷтимоӣ тавъам карда мешавад. Яъне шахс на танҳо маҳдуд карда мешавад, балки ҳамзамон имкон меёбад малакаҳои навро фаро гирад, машварат гирад ва дар ҷомеа фарди фаъол бошад. Бо ин роҳ ҷазо хусусияти ислоҳӣ касб мекунад ва шахс ба ҷомеа бармегардад ва зиндагии фаъоли иҷтимоиро дунбол мекунад. Механизми дигаре, ки метавонад ба иҷрои ҷазо таъсири мусбат расонад, огоҳсозии фаврӣ мебошад. Дар сурати риоя нашудани шартҳои таъиншуда аз сӯйи шахси маҳкумшуда, на танҳо мақомот, балки хонавода ё шахсони кафили ӯ низ огоҳ карда мешаванд. Ин усул масъулияти иҷтимоии

маҳкумшударо зиёд мекунад, зеро вай медонад, ки вайрон кардани қоидаҳо на танҳо барои худ, балки барои наздиконаш низ пайомадҳои ногувор дорад.

Ба ақидаи муаллиф, истифодаи технологияҳои нав ва аз ҷумла ҳуши маснуъӣ метавонад дар амри таҳлили рафтор ва пешгӯйии хавфи содиршавии такрори ҷиноят кумак кунад. Бо истифодаи чунин системаҳо мақомоти назоратӣ метавонанд чораҳои иловагӣ андешанд ва сатҳи хавфро пешакӣ муайян кунанд. Ҳамчунин таъсиси марказҳои махсуси назорат ва пуштибонӣ, ки дар онҳо ба таври муштарак ва тавъам аз назорат, машварат ва кумакҳои иҷтимоӣ кор гирифта мешавад, метавонад ба таври назаррас самаранокии маҳдуд кардани озодиро афзоиш диҳад. Ба сурати умум ин ҳама роҳу равишҳои ишорашуда нишон медиҳанд, ки маҳдуд кардани озодӣ танҳо бояд воситаи назорат набошад, балки он бояд ба як низоми мураккаби ҳамгиро табдил ёбад ва назоратро бо ислоҳ ва пуштибонӣ пайванд диҳад. Танҳо дар ин сурат он метавонад ҳамчун алтернативаи воқеии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ мавриди истифода қарор бигирад ва ҳамзамон ба мақсадҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ – пешгирӣ аз такрори ҷиноят, ислоҳи шахс ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа мутобиқ гардад.

Муҳаққиқ ибрози назар намудааст, ки яке аз муассиртанин воситаҳои назорати муосир имрӯз дастгоҳҳои электронӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз онҳо дар шакли дастмона истифода сурат мегирад. Дастгоҳҳои ёдшуда бо системаи GPS пайваст мебошанд ва мавқеъият ва маҳалли ҷойгиршавии шахси маҳкумшударо аз рӯйи низоми вақти реалӣ муайян месозанд ва ҳангоми риоя нашудани маҳдудиятҳои эъмолшуда нисбат ба шахси маҳкумшуда ба сурати фаврӣ ба мақомоти масъули иҷрои назорат ва контрол паём мефиристанд. Бартарии ин васоили муосир дар он аст, ки дар натиҷаи мавриди истифода қарор додани онҳо хароҷотҳои марбути давлатӣ дар робита ба нигаҳдории афрод дар муассисаҳои ислоҳӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад ва гузашта аз он, шахси маҳкумшуда дар муҳити иҷтимоии худ боқӣ мемонад ва зимни ин доиман эҳсоси назоратро бо худ дорад. Истифодаи дастгоҳҳои мавриди назар ҳамчунин ба пешгирии содиршавии такрори ҷиноят амалан мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, метавон ҳамчунин аз дигар роҳҳои мушобеҳи муосир низ истифода кард. Масалан, ҷорӣ кардани низоми имзои электронӣ ё ҳузур ёфтан ба таври онлайн имкон медиҳад, ки шахси

маҳкумшуда дар замони муайян тавассути барномаи мобилӣ ва ё дастгоҳи махсус ҳузури худро сабт намояд. Корбурди ин равиш ба мақомоти назорат имкон медиҳад, ки бидуни хароҷоти зиёд ва зарурати назорати шахсӣ аз тарафи нозирон риоя ва иҷрои маҳдудиятҳоро таъмин намояд. Бо истифодаи назорати биометрӣ, ки аз ангуштшиносӣ, шинохти чеҳра ё овоз иборат аст, имкони тақаллуб ва фиреб хеле кам мешавад. Зеро шахс наметавонад бо дигар роҳ ҳузури худро тасдиқ кунад. Системаи геозона низ яке аз роҳҳои ҷолиби дигарест, ки тавассути он маҳдудияти ҳаракати шахси маҳкумшуда тавассути ҳудуди иҷозатшуда ва мамнуъ муқаррар карда мешавад. Агар шахс аз ҳудуди муайяншуда берун гардад, система ба таври худкор мақомоти дахлдорро огоҳ месозад ва ин усул метавонад махсусан дар мавридҳое самаранокии худро нишон диҳад, ки шахси маҳкумшуда набояд ба ҷойҳои муайяншуда наздик шавад.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҷассуми принсипҳои инсонгароӣ мебошанд, ки шахсро аз муҳити иҷтимоӣ ҷудо намекунанд ва имкониислоҳсозии шахси маҳкумшударо фароҳам меоранд. Шахси маҳкумшуда метавонад дар муҳити оила ва ҷомеа боқӣ монда, ҳамзамон робитаҳои оилавӣ ва меҳнатии худро нигоҳ дорад, ки ин заминаи барқарорсозии муносибатҳои солими иҷтимоиро фароҳам меорад. Иҷрои ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, хароҷоти давлатӣ ва фишор ба муассисаҳои ислоҳиро коҳиш медиҳад ва ҳамзамон имкони идомаи фаъолияти меҳнатии шахс ва таъмини манфиатҳои оилавиро фароҳам месозад. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба таҳкими робитаи байни давлат ва шаҳрванд, баланд бардоштани эътимод ба адолати судӣ ва маърифати ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Мақсади асосии ин намудҳои ҷазо, на танҳо танбеҳу ҷазо, балки барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мебошад. Ҳамин тавр, ҷазоҳое, ки бо ҷудосозии маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд нестанд, маҷмуи чораҳои таъсиррасонии давлатие мебошанд, ки давлат дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун чораи ҷавобии маҷбуркунанда ба

шахсе, ки содиркунандаи ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна мебошад, муқаррар намудааст **[6-М].**

2. Мақсади ҷазои ҷиноятӣ ифодакунандаи натиҷаи ниҳоии ҳуқуқию иҷтимоие мебошад, ки тавассути он давлат чораи маҷбуриро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ амалӣ мекунад. Мақсади ҷазои ҷиноятӣ татбиққунандаи сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти ислоҳ ва азнавтарбиякунии маҳкумшудагон ва пешгирии ҷинояткорӣ арзёбӣ мегардад. Мақсади ҷазои ҷиноятӣ аломат, ҷиҳат ва нишонаҳои ба худ хосси сиёсати давлат дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд ва онҳо дар амал самт, мазмун, муҳтаво ва мутобиқати ин мақсадҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқии пазируфташудаи байналмилалӣ ва ватанӣ муайян месозанд. Мақсадҳои ҷазо дар қонунгузории Тоҷикистон муқаррар шудаанд, вале раванди амалишавии онҳо камтар ба талаботи воқеӣ мутобиқат дорад. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар амалияи судӣ бештар таъин мешавад, ки ин ба мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар оварда мерасонад. Муассисаҳои ислоҳӣ шароити кофӣ барои ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагонро надоранд, ки ин хавфи такрори ҷиноятро афзоиш медиҳад. Барномаҳои давлатӣ дар татбиқи мақсадҳои ҷазо нақши калидӣ доранд, вале дар амал кам татбиқ мешаванд. Ҷомеа барои қабули шахсони адои ҷазо карда омода нест, ки ин ба маҳкумшудагон таъсири манфӣ мерасонад ва эҳтимоли бозгашт ба ҷиноятро зиёд мекунад. Тағйирот ва ислоҳоти низоми ҷазо бо равишҳои инсонсозӣ ва ислоҳгароёна барои беҳбуди низоми ҷазо дар Тоҷикистон зарур аст.

3. Тасаввуроти имрӯза дар бораи низоми ҷазои ҷиноятӣ ба таври қатъӣ аз низоми ҷазои ҷиноятии давлатҳои тараққикарда фарқ мекунад. Низоми ҷазо бояд номгӯйи мукаммали намудҳои ҷазоро дар бар гирад. Аз ин хотир дар қатори ҷазоҳои ҷиноятӣ метавон танҳо он чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятиеро ҳамроҳ намуд, ки шомили низоми ҷазо ба ҳисоб мераванд. Аммо дар қисмати санксияҳои меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ фақат чораҳое бояд зикр шаванд, ки дар низоми ҷазо қайд шудаанд. Суд метавонад ҳамчун ҷазо танҳо аз миёни он чораҳое ҷазо таъин намояд, ки он дар номгӯйи чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад. Бо ин роҳ қонунгузор риояи ҳуқуқи маҳкумшудагонро дар баробари худсариҳои эҳтимолии номаҳдуди судӣ кафолат медиҳад **[6-М]; [13-М].**

4. Дар натиҷаи омӯзиши масъала маълум гардид, ки кор, меҳнат ҳамчун воситаи ислоҳи шахси маҳкумшуда баромад мекунад. Ба туфайли меҳнат, раванди ислоҳи шахси маҳкумшуда дар руҳияи эҳтиром гузоштан ба манфиатҳои ҷомеа, рушди малакаҳои корӣ ва хусусиятҳои бо низом будан, софдилона амал кардан ва риояи қонун амалӣ мегардад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки меҳнат, кор як мафҳуми илмии абстрактӣ буда, ба шакли мафҳуми холис вуҷуд надорад. Дар амал навъҳои ҷудогонаи кор вуҷуд доранд, ки онҳо тавассути шахсони мушаххас анҷом дода мешаванд. Дар раванди кор одамон неъматҳои мушаххаси маънавию моддиро ба вуҷуд меоваранд. Дар зимн, бояд ёдовар шуд, ки ҳар як навъи кор, дар навбати худ, дорои хусусияту аломатҳои хоссе мебошанд, ки онҳо дар маҷмуъ, мазмуну муҳтавои категорияи "меҳнат"-ро ташкил медиҳанд **[29-М]**.

